Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

10 сентябри соли 2003. Чоршанбе № 69 (12912)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 16.55 имзо гардид.

Шоҳи Малайзия дар Ӯзбекистон

Шоҳи Малайзия Аълоҳазрат Янг Ди-Пертуан Агонг XII Туанку Сайид Сироҷиддин Сайид Пурта Ҷамолуллайл 7 сентябр бо ташрифи давлатӣ ба Ӯзбекистон омад.

Малайзия давлати федеративӣ бо мутлақияти Конституцсиявӣ ба шумор меравад ва аз 13 иёлат иборат аст. 9 иёлати онро султонҳои меросӣ идора мекунанд, чортои дигар бошад, аз ҷониби губернаторҳо идора мешаванд. Ҳокимони меросӣ дар мӯҳлати 5 сол ҳокими олӣ-Янг Ди-Пертуанро интихоб мекунанд. Моҳи декабри соли 2001 дар ин вазифаи олӣ ҳокими Перлис Туангу Сайид Сироҷиддин Ҷамолуллайл интихоб гардид.

Бинобар Конституцсия Янг Ди- Пертуан давлатро бо маслиҳати ҳукумат ва парлумон идора менамояд. Қарорҳои ҳукумат бояд аз ҷониби шоҳ тасдиқ гардад. Янг Ди-Пертуан, ки Сарфармондеҳи Олӣ ба шумор меравад, қонунҳои қабулкардаи парлумон, номзадии нахуствазир ва ҳайати суди Федералӣ (Олӣ)-ро тасдиқ менамояд.

8 сентябр маросими расмии истиқболи меҳмони олиқадр дар қароргоҳи Дӯрмон ба амал омад. Ба шарафи Шоҳ қаровули фахрӣ саф кашид. Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов ва Шоҳи Малайзия Туанку Сайид Сироҷиддин Ҷамолуллайл ба минбар баромаданд. Гимнҳои давлатӣ садо доданд. Роҳбарони Ӯзбекистон ва Малайзия аз назди қаровули фахрӣ гузаштанд.

Ҳангоми сӯҳбатҳои рӯ ба рӯи Ислом Каримов ва Туанку Сайид Сироҷиддин Ҷамолуллайл, масъалаҳои инкишофи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии тарафайни ду кишвар, ҳамкорӣ, таъмини бехатарӣ дар ҷаҳорчӯбаи созмонҳои байналхалқӣ ва дигар масъалаҳое, ки ба он ҳарду ҷониб рағбат доранд, баррасӣ шуданд.

Дар байни кишварҳои Ҷанубу Шарқии Осиё Малайзия истиқлолияти Ӯзбекистонро яке аз аввалинҳо шуда эътироф кард. Ҳангоме ки моҳи июни соли 1992 Президент Ислом Каримов дар ин кишвар бо сафари расмӣ буд, ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки муносибати тарафайнро муайян мекунанд, қабул гардиданд. Моҳи апрели соли 1993 сарвазири Малайзия Маҳатҳир Муҳаммад ба Ӯзбекистон омад ва дар рафти сафари ӯ асосҳои ҳуқуқии муносибатҳо боз ҳам мустаҳкам гардиданд. Асоси мустаҳками ҳуқуқӣ имконият дод, ки рафту омади вакилони ҳукуматӣ баҳри инкишоф додани ҳамкорӣ дар байни вазоратҳо ва идораҳо, доираҳои тадбиркорӣ ва илмӣ бештар гардад.

Ҳоли ҳозир муносибатҳои ӯзбекистонию малайзиягӣ дар тамоми ҷабҳаҳо фаъолонаи инкишоф меёбанд. Бо вучуди дур будани сарҳадҳо, ки моро аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ҷудо мекунанд, ҳар ду кишвар саъй доранд, ки алоқаҳои тиҷоратию иқтисодиро инкишоф диҳанд, ҳаҷми мубодилаи молро афзун намоянд. Ҳоло дар Ӯзбекистон бо иштироки сармоядорони малайзиягӣ 18 корхонаи муштарак бунёд ёфтааст ва амал менамояд. Дар кишвари мо, махсусан, корхонаҳои «Hotel Uzbekistan», «UzMakom», «Uzbekleasinq international» машҳуранд.

Ҳамкориҳо дар ҷабҳаҳои фарҳангӣ, илм ва таълим васеъ инкишоф меёбанд. Соли 1998 ҷамъияти дӯстии «Ӯзбекистон — Малайзия» созмон ёфт. Муоҳидаҳо дар байни академияҳо, мактабҳои олии ду кишвар ба имзо расиданд. Мусиқачиён ва сароядагони Малайзия аз иштирокдорони ҳамешагии озмуни байналхалқии мусиқии «Шарқ тароналари» ба ҳисоб мераванд.

Баробари ин ҳанӯз бисёр имкониятҳо барои минбаъда ривоҷ додани ҳамкории ҷабҳаҳои тиҷорати иқтисодиёт ва сиёсат, соҳаҳои илм ва маърифат мавҷуданд.

Малайзия аз ҷумлаи давлатҳое ба шумор меравад, ки номи «Бабрҳои Осиё»-ро гирифтааст. Бо такя ба усули иқтисодиёти самарабахши Ҷопон Малайзия ба дастовардҳои бузург дар кори ҷалб сохтани технологияи хориҷӣ ва сармояҳои он, аз худ намудани таҷрибаи пешқадами давлатҳо бо саноати инкишофёфта, истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва баланд бардоштани иқтидори воридот, пешбурди иқтисодиёт бинобар мӯътадилии иҷтимоию сиёсӣ, инкишофи ҷабҳаи иҷтимоӣ ноил гардид. Дар мобайни солҳои 90-уми садсолаи гузашта Малайзия дар байни давлатҳое, ки бинобар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ инкишоф меёбанд, яке аз ҷойҳои намоёнро ба даст овард ба ба сатҳи як қатор кишварҳои мутараққӣ расид. Новобаста аз он ки дар соли 1997-ум дар кишварҳои Ҷанубу Шарқии Осиё бӯҳрони иқтисодӣ ба амал омад ва ба инкишофи Малайзия низ таъсири манфӣ расонид, ин мамлакат дар мӯҳлати кӯтоҳ тавонист, ки оқибатҳои онро бартараф намояд. Соли гузашта маҳсулоти нохолиси дохилӣ ба 4,2 фоиз афзуд.

Дар Малайзия саноати коркарди маҳсулот хеле хуб инкишоф ёфтааст. Ин соҳа, ки асосан электроника ва маҳсулоти электрикию техникиро истеҳсол мекунад, 30,1 фоизи маҳсулоти умумии дохилиро ташкил менамояд. Баробари он истеҳсолоти маҳсулоти кимиёвӣ, хӯрокворӣ, соҳаҳои коркарди фулузот, истеҳсоли таҷҳизоти нақлиёт инкишоф ёфтаанд. Дар кишвар 3 ширкати миллии автомобилсозӣ—«Протон», «Перодуа» ва «Хайком» амал менамоянд.

Бамаврид аст қайд намоем, ки ҷонибҳо дар бисёр масъалаҳои байналхалқӣ нуқтаи назари ҳамонанди сиёсӣ доранд. Давлатҳои мо дар ҷаҳорчӯбаи созмонҳои байналхалқӣ муттафиқона амал менамоянд, ташаббусҳои якдигарро дастгирӣ мекунанд. Ҳоли ҳозир Малайзия роҳбари Ҳаракати ҳамроҳнашавӣ ба шумор меравад. Аз моҳи оянда роҳбариро дар Созмони Конфронси Исломӣ низ ба дӯши худ мегирад.

Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки имкониятҳои бисёре барои ба сатҳи нав баланд бардоштани ҳамкории байни кишварҳои мо мавҷуданд.

Ислом Каримов дар рафти сӯҳбат дар қароргоҳи Дӯрмон манфиатдор будани моро аз инкишофи ҳамаҷонибаи шарикии Ӯзбекистон бо Малайзия зикр намуд ва боварӣ изҳор кард, ки сафари Шоҳ барои ин шароитҳои нав ба вуҷуд меоварад.

Шоҳи Малайзия Туанку Сайид Сироҷиддин Ҷамолуллайл худи ҳамон рӯз Осорхонаи давлатии торихии темуриёнро зиёрат намуд, экспонатҳоеро, ки аз ҳаёти Соҳибқирон Амир Темур ва ворисони ӯ ҳикоя мекунанд, тамошо кард. Дар Китоби меҳмононии ифтихории осорхона имзои хотиравӣ гузошт.

Меҳмони олиқадр дар Раёсати идораи мусулмонони Ӯзбекистон ва Донишгоҳи исломи Тошканд вохӯриҳо гузаронид.

Сафари Шоҳи Малайзия дар Ӯзбекистон идома дорад.

Анвар БОБОЕВ,
хабарнигори �much ЎзА.
Сурати Дилшод ЮСУФОВ (ЎзА).

Изҳороти

вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон бинобар амали террористӣ дар шаҳри Ан-Наҷафи Ироқ, 29 августи соли 2003

Ӯзбекистон амали террористиро, ки 29 августи соли равон дар шаҳри Ан-Наҷафи Ироқ ба амал омадааст, қатъиян маҳкум менамояд. Мо аз фалокати одамони бегуноҳ сахт андӯҳгинем ва ба оилаҳо ва шахсони наздики фавтидагон ва ҷароҳатбардоштагон ҳамдардии амиқи худро изҳор менамоем.

Ҳеҷ гуна ғояҳо ва мақсадҳо хоҳ онҳо ахлоқӣ бошанд, хоҳ динӣ ё сиёсӣ, ин амали ғайриинсониро, ки тамоми намудҳои терроризм ҳамчунин мебошанд, сафед карда наметавонанд.

Мо умед мекунем, ки ин ҳодисаҳои фоҷиавӣ қарори мардуми Ироқро бахри бунёди Ироқи сулҳпарвар, демократӣ ва инкишофёфта шиканда наметавонанд.

Шаҳри Тошканд,
5 сентябри соли 2003.

Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой

Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов 5 сентябр дар қароргоҳи Оксарой вазирони корҳои хориҷии Русия Игор Иванов, Чин—Ли Чжаосин, Қазоқистон—Косимжомард Токаев, Қирғизистон—Аскар Айтматов ва Тоҷикистон — Талбак Назаровро, ки барои иштирок дар ҷамъомади Шӯрои Вазирони корҳои хориҷии Созмони ҳамкории Шанхай (СХШ) ба мамлакати мо омадаанд, пазируфт.

Роҳбари давлат таъкид намуд, ки маҷлиси Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки масъалаҳои рӯзномаи он барои суръатфизоии ҷараёни ташаккули Созмони ҳамкории Шанхай нигаронда шудааст. Ӯ таъкид кард, ки рӯйдоди мазкур аз иҷрои мураттаби вазифаҳои дар пешгузоштаи созмон далолат менамояд.

Инкишофи фаъоли Созмони ҳамкории Шанхай аз ягонагии фикрҳо ва мавқеъҳои кишварҳои аъзои созмони мазкур гувоҳӣ медиҳад. Он на танҳо барои ҳалли масъалаҳои амният, балки барои инкишофи ҳамкориҳои бисёрҷанбаи тиҷоративу иқтисодӣ, илмиву техникӣ дар ҳудуди хеле бузурги сарҳадҳои СҲШ нигаронда шудааст. Ва албатта нуфузи он дар арсаи сиёсии байналмилалӣ боло меравад.

Дар Тошканд нахустин маҷлиси Шӯрои вазирони корҳои хориҷии СҲШ баргузор гардид. Вазирон масъалаҳои марбути татбиқи амалии шартномаҳоро, ки моҳи маи соли ҷорӣ дар маҷлиси Маскав роҳбарони давлатҳо тасдиқ намудаанд, муҳокима карданд. Корҳои ташкилиеро анҷом доданд, ки бо ташаккули СҲШ алоқаманд буданд. Хулоса намудан мумкин аст, ки аз ин нуқтаи назар ҷамъомади шӯро дар Тошканд бомуваффақият анҷом ёфт.

Дар мулоқоти қароргоҳи Оқсарой дар бобати инкишофи минбаъдаи СҲШ, имконоти густариши ҳамкориҳои ҳаматарафа дар доираи созмон ва дигар масъалаҳое, ки мавриди таваҷҷӯҳи тарафҳо буданд, мубодилаи афкор ба амал омад.

(ЎзА).

СҲШ: мулоқоти вазирони корҳои хориҷӣ дар Тошканд

Дар меҳмонхонаи «Интерконтинентал»-и пойтахт зери раёсати Ӯзбекистон маҷлиси навбатии Шӯрои вазирони корҳои хориҷии давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ба амал омад.

Дар маҷлис вазирони корҳои хориҷии Ӯзбекистон С.Сафоев, Қазоқистон—К.Токаев, Чин—Ли Чжаосин, Қирғизистон—А.Айтматов, Русия—И.Иванов ва Тоҷикистон— Т.Назаров иштирок доштанд.

Дар арсаи байналмилалӣ нуфузи СҲШ, ки дар шаҳри Шанхайи Чин 15 июни соли 2001 ташкил ёфтааст, меафзояд. Гурӯҳи мазкури давлатҳо дар назди худ вазифаҳои муҳимеро аз ҷумлаи ҷустуҷӯи ҳалли масъалаҳои фавқулодда бузурги мубориза ва ҳаҷоҳ бар зидди терроризм, ҷудоихоҳӣ, ифроткорӣ, гардиши ғайриқонунии моддаҳои нашъаовар ва яроқ, таъмини амният ва пойдорӣ дар минтақа ва дар тамоми ҷаҳон гузоштаанд. Аз ин рӯ ҷамъияти ҷаҳон таъсис ёфтани СҲШ-ро ба вазифаҳои бузурги онро хуб пазируфт. Таваҷҷӯҳе, ки аз ҷониби бисёр мамлакатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ба ин маҷлис ба вуҷуд омад, аз майли ҳамкорӣ бо СҲШ далолат менамояд.

То ҳоли ҳозир СҲШ бо корҳои ташкилӣ машғул буд. Акнун навбати корҳои амалӣ расидааст. Барои ин дар бобати ташкили мақомоти доимии СҲШ—Котибот дар шаҳри Пекин,аз моҳи январи соли оянда созмон додани Кумитаи иҷроияи марказӣ зидди террористӣ дар Тошканд ахду паймон ба амал омад. Тавре ки вазири корҳои хориҷии Ӯзбекистон гуфт, ба қариб дар Тошканд маҷлиси нахустини Шӯрои маркази мазкур баргузор мегардад.

Дар маҷлиси Тошканд роҳбарони идораҳои сиёсати хориҷии шаш мамлакат масъалаҳои татбиқи вазифаҳоеро, ки дар маҷлиси Маскав моҳи май гузошта шуда буд, муҳокима намуданд.

Дар ҷамъомад эътибори махсус ба масъалаҳои омодагӣ ба маҷлиси оянда дар Пекин байни роҳбарони ҳукуматҳои мамлакатҳои аъзои СҲШ нигаронда шуд. Дар он масъалаҳои муҳим, ки бо густариши алоқаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла ҳамкории шаштарафа дар соҳаҳои мисли наклиёт, коммуникатсия, технология ва ҷалб намудани сармоя иртибот доранд, баррасӣ хоҳанд гардид.

Дар маҷлиси Тошканд иштирокдорони маҷлис дар бобати масъалаҳои муҳими байналмилалӣ мубодилаи афкор намуданд. Аз ҷумла, махсус таъкид гардид, ки ҷонибҳо аз табдил додани Осиёи Марказӣ ба минтақаи осоишта ва устувори ҷаҳон манфиатдоранд. Таъкид гардид, ки дар ин замина татбиқи Хартияи СҲШ ва масъалаҳое, ки дар ёддошти якҷояи роҳбарони давлатҳои аъзои созмон зикр шудаанд, аҳамияти бузург-ро молик аст.

Дар гирдиҳамоӣ дар бораи вазъияти Афғонистон, ҷараёни барқарорсозии Ироқ, бо роҳи осоишта рафъ сохтани мушкили ядрӣ дар нимҷазираи Куриё ва татбиқи «Нақшаи роҳ», ки барои ҳалли муқовимат дар Ховари Наздик муқаррар гаштааст, фикрҳо иброз гардиданд. Таъкид шуд, ки дар ин масъалаҳо назари тарафҳо мувофиқанд.

Вазирон протоколро дар бораи ворид намудани тағйирот ба конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза зидди терроризм, ҷудоихоҳӣ ва ифроткорӣ, ки 15 июни соли 2001 имзо шудааст, Хартияи СҲШ ва Шартномаи байни давлатҳои аъзои СҲШ дар бобати сохтори зидди террористии минтақавӣ, ки 7 июни соли 2002 дар шаҳри Санкт-Петербург тасдиқ шудаанд, ба имзо расонданд. Ҳамчунин ёддошти муштараки ниҳоӣ аз рӯи масъалаҳои баррасишудаи маҷлиси Тошканд қабул гардид.

С.РАҲИМОВ,
мухбири ЎзА.

Муборакбодиҳои самимона

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Ба муносибати иди миллӣ аз фурсат истифода бурда, ба Шумо аз номи халқи Итолиё ва шахсан худам дархостҳои беҳтарин ва ба халқи Ӯзбекистон шукуфонии минбаъда ирсол менамоям.

Ба таҳким ёфтани муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории байни мамлакатҳоямон умед баста, ба Шумо беҳбудӣ таманно дорам.

Карло Адзело ЧАМПИ,
Президенти Ҷумҳурияти Итолиё.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Аълоҳазрат,

дар лаҳзаҳои иди миллиашро ҷашн гирифтани халқи дӯсти ӯзбек ба ман ба Шумо, Аълоҳазрат аз номи халқу ҳукумати Алҷазоир, инчунин шахсан аз номи худам муборакбодии гарму ҷӯшон ирсол намудан хушнудӣ мебахшад.

Аз ин имконияти муносиб истифода бурда, Шуморо бовар кунондан мехоҳам, ки ба бо Шумо бахри ривоҷи ҳамкории байни мамлакатҳоямон якҷоя ҳамкорӣ кардан тайёр ҳастам.

Аълоҳазрат, ба Шумо хушбахтӣ ва сиҳҳатӣ, ба халқи дӯсти ӯзбек—некӯаҳволӣ ва осоиш таманно намуда, хоҳиш дорам, ки эҳтироми баланди ба Шумо доштаамро қабул намоед.

Абдулазиз БУТЕФЛИКА,
Президенти Ҷумҳурияти халқӣ-демократии Азҷазоир.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Ассалому алайкум,

ба муносибати иди миллии Ӯзбекистон аз самими қалб Шумо, Аълоҳазрат, Ҳукумат ва халқи Ӯзбекистонро муборакбод менамоям.

Боварии комил дорам, ки васеъ гардондани равобити дӯстона ва ҳамкории байни Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар ҳамаи соҳаҳо ба таъмини беҳбудӣ ва осоиши ду мамлакат хизмат мекунанд.

Аз Офаридгор ба Шумо, Аълоҳазрат сиҳҳату саломатӣ, комёбӣ, халқи дӯсту бародари Ӯзбекистон—хушбахтӣ, ҳаёти осудаҳолона таманно дорам.

Саййид Муҳаммад ХОТАМӢ,
Президенти Ҷумҳурияти Исломии Эрон.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Ман аз он хушҳолам, ки дар лаҳзаи ҷашни иди миллии халқи Ӯзбекистон аз номи халқи Афғонистон ва шахсан аз номи худам ба Шумо, Аълоҳазрат ва халқи дӯсти Ӯзбекистон муборакбодии самимӣ ирсол менамоям.

Аз рӯз аз рӯз ривоҷ ёфтани равобити дӯстонаи байни давлатҳои Афғонистон ва Ӯзбекистон, ки дар асоси нияти нек, эҳтироми тарафайн ва манфиатҳои ду мамлакат ба роҳ монда шудааст ва ба осоиштагии дунё хизмат мекунанд, хеле мамнунам.

Ба Шумо, Аълоҳазрат, тандурустӣ, хушбахтӣ, ба халқи дӯсту бародари Ӯзбекистон боз ҳам муваффақиятҳои бузург ато намудан нияти неки ман аст.

Ҳамид КАРЗАЙ,
Раиси Давлати Исломии Интиқолии Афғонистон.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Ба муносибати солгарди дувоздаҳуми Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз номи халқи Ветнам ва шахсан аз номи худам ба Шумо, ҷаноби Президент ва халқи Ӯзбекистон муборакбодии самимиву беҳтарин ирсол менамоям.

Ман боварии комил дорам, ки муносибатҳои анъанавии дӯстона ва ҳамкории муфиди байни мамлакатҳоямон пайваста таҳким ва ривоҷ меёбанд. Ба халқи ӯзбек таҳти сарварии Шумо дар кори барпо намудани мамлакат шукуфонӣ ва беҳбудӣ таманно дорам.

Ба Шумо, ҷаноби Президент тани сиҳҳат ва дар вазифаи баланди масъулиятнокатон комёбиҳои нав ба нави бузург металабам.

Чан Дик ЛИОНГ,
Президенти Ҷумҳурияти Сотсиалистии Ветнам.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич,

аз номи халқи Украина ва шахсан аз номи ман ба муносибати Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муборакбодии самимӣ ва гарму ҷӯшонамро қабул намоед.

Дар солҳои мавҷудияташ Ӯзбекистони мустақил дар роҳи ба эътиофи байналхалқӣ муваффақ шудан роҳи пурмашаққатро паси сар намуд. Дигаргуниҳои мусбии дар солҳои истиқлолият дар мамлакати зебоятон ба амал омада, нисбати вай торафт зиёд шудани шавку завқи ҷомеаи ҷаҳониро бо қаноатмандии амиқ қайд кардан мехоҳам.

Ислом Абдуғаниевичи азиз, аз ин фурсати тантанавӣ истифода бурда, ба Шумо аз таҳти дил хушбахтӣ, сиҳҳатии бардавом ва дар фаъолияти давлатиатон комёбиҳои нав, Ӯзбекистони офтобӣ сулҳ, устуворӣ ва гул-гулшукуфӣ металабам.

Бо камоли эҳтиром,

Леонид КУЧМА,
Президенти Украина.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич,

ба муносибати иди миллии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон—Рӯзи эълон шудани Мустақилӣ муборакбодии самимӣ ва таҳтидилонаамро қабул намоед.

Аминам, ки муносибатҳои анъанавии дӯстӣ ва ҳамкории тарафайни байни Молдова ва Ӯзбекистон минбаъд ҳам бар манфиат ва бахри беҳбудии халқҳои мамлакатҳоямон таҳким ва муназзам ривоҷ меёбанд.

Мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич, иҷозат диҳед ба Шумо сиҳҳатии бардавом, хушбахтӣ ва ба амал баромадани тамоми орзуву саъю кӯшишатон, халқи ӯзбек осоиш, беҳбудӣ ва шукуфониро таманно намоям.

Бо эҳтироми бузург,

Владимир ВОРОНИН,
Президенти Ҷумҳурияти Молдова.

(Давомаш дар саҳ.2)

Муборакбодиҳои самимона

(Давомаш. Аввалаш дар саҳ.1)

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Мўҳтарам Ислом Абдуғаниевич!

Шумо ва халқи дўсти Ўзбекистонро бо иди миллии Ҷумҳурияти Ўзбекистон—Рўзи истиқлолият самимона муборакбод менамоям.

Дар бадали солҳои гузашта Ўзбекистон мушкилиҳои ҳарҳелаи дар пешистодаро бартараф намуда, ислоҳоти иқтисодии калонмиқёсро бомуваффақият ба амал баровард ва дар арсаи байналхалқӣ эътибор пайдо намуд.

Давлатҳои мустақиламон барои васеъ гардондани муносибатҳо, ки решаи амиқи таърихӣ доранд, имкониятҳои нав ба даст оварданд. Боварии комил дорам, ки хоҳишу иродаи халқҳоямонро ба амал бароварда, мо бахри сулҳу устувории минтақа дар оянда ҳам барои рушди анъанаҳои дўстӣ ва шарикӣ ҳиссаи худро мегузорем.

Мўҳтарам Ислом Абдуғаниевич, ба Шумо сиҳҳатии мустаҳкам, дар фаъолиятатон комёбиҳо, ба халқи дўсти Ўзбекистон сулҳу беҳбудӣ таманно дорам.

Ҳайдар АЛИЕВ,
Президенти Ҷумҳурияти Озарбойҷон.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Мўҳтарам Ислом Абдуғаниевич,

ба муносибати иди аҳамиятнок — Рўзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ўзбекистон муборакбодии самимона ва эҳтироми боварибахши амиқ, эҳсосоти дўстии пойдорро қабул намоед.

Дар бадали солҳои истиқлолият Ўзбекистон ва Гурҷистон дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, илм ва фарҳанг ҳам дар асоси муносибатҳои дуҷониба ва ҳам дар доираи лоиҳаҳои калонмиқёси байналхалқӣ ҳамкории муфид ва самарабахшро устуворона амиқ гардонданд. Ягонагии мақсаду саъю кўшиши халқҳоямон барои боз ҳам ривоҷ додану васеъ гардондани равобити байни Ўзбекистон ва Гурҷистон заминаи файзбор фароҳам меорад.

Дар охир ба Шумо ва ҳамватанони Шумо хушбахтӣ, комёбиҳо ва тамоми хушиҳоро таманно намудан мехоҳам.

Бо эҳтиром,

Эдуард ШЕВАРДНАДЗЕ,
Президенти Гурҷистон.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Мўҳтарам Ислом Абдуғаниевич!

Ба муносибати иди миллии Ҷумҳурияти Ўзбекистон—Рўзи истиқлолият муборакбодии самимиамро қабул фармоед.

Мақсаду орзуҳои халқҳоямон муштараканд. Равобити самарабахши сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию инсонпарваронаи байни давлатҳоямон аз ин шаҳодат медиҳанд.

Боварии комил дорам, ки муносибатҳои дўстонаи байни мамлакатҳоямон, ки дар асоси боварӣ ва якдигарфаҳмӣ ба вуҷуд омадааند, дар оянда ҳам бемайлон ба манфиати халқҳоямон ривоҷ меёбанд ва мустаҳкам мегарданд.

Аз фурсат истифода намуда, ба Шумо, мўҳтарам Ислом Абдуғаниевич сиҳҳатии мустаҳкам ва дар фаъолиятатон қомёбиҳо, ба халқи бародари Ўзбекистон сулҳ, беҳбудӣ ва гул-гулшукуфиро таманно дорам.

Бо эҳтиром,

Нурсултон НАЗАРБОЕВ,
Президенти Ҷумҳурияти Қазоқистон.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Мўҳтарам Ислом Абдуғаниевич,

ба муносибати иди миллии Ҷумҳурияти Ўзбекистон—Рўзи истиқлолият аз номи халқи Қирғизистон ва шахсан аз номи худам Шумо ва дар симои Шумо халқи дўсти Ўзбекистонро муборакбод намудан мехоҳам.

Дар давраи гузашта Ўзбекистон модели худии пешрафтро зина ба зина ба амал бароварда, аъзои фаъол ва ифтихорноки ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид, дар таҳкими давлатдории мустақил ва ба амал бароварданы ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ба комёбиҳои назаррас муваффақ шуд.

Бо ҳисси қаноатмандӣ қайд кардан мехостам, ки таҳкурсии дар байни муносибатҳои байни Қирғизистон ва Ўзбекистон баамаломада асоси мустаҳкаме ба ҳисоб меравад, ки дар соҳаҳои мухталифи муносибатҳои дутарафаи байнидавлатии ду мамлакат имконияти мустаҳкам намудан ва инкишоф додани ҳамкории муфидро фароҳам меорад.

Аминам, ки муносибатҳои анъанавии дўстӣ ва рафоқати байни мамлакатҳоямон боз ҳам бахри манфиати халқҳоямон таҳким меёбанд.

Аз имконияти бавҷудомада истифода бурда, ба Шумо, мўҳтарам Ислом Абдуғаниевич, сиҳҳатии бардавом, комёбиҳо, ба халқи бародари Ўзбекистон беҳбудӣ ва гул-гулшукуфиро таманно намудан мехоҳам.

Бо эҳтиром,

Аскар АКАЕВ,
Президенти Ҷумҳурияти Қирғизистон.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Мўҳтарам Ислом Абдуғаниевич!

Ба муносибати солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба Шумо ва тамоми халқи бародари Ўзбекистон муборакбодии самимиамро изҳор намудан ба ман қаноатмандии бузург мебахшад. Мо риштаҳои қадимии дўстӣ ва равобити ҳамсоягии некро, ки халқҳоямонро муттаҳид месозанд, қадр мекунем ва барои таҳкими ин таҳкурсии мустаҳкам, ки дар асоси вай муносибати байни мамлакатҳоямон бунёд меёбанд, қарор кардем, ки саъю кўшиши заруриро ба харҷ медиҳем.

Рўҳи эҳтироми якдигар, ба назар гирифтани манфиатҳои якдигар, саъю кўшиш дар ҷустуҷўи роҳҳои нави пурзўр гардондани ҳамкорӣ хусусиятест, ки ба муносибатҳои Тоҷикистону Ўзбекистон хос аст. Ҳукумати Тоҷикистон дар оянда ҳам барои рағбатноксозии алоқаҳо ва мустаҳкам намудани равобити серҷанбаи байни мамлакату халқҳо кўшиш ба харҷ медиҳад.

Ба Шумо, мўҳтарам Ислом Абдуғаниевич, сиҳҳатии бардавом ва дар роҳи гул-гулшукуфии Ҷумҳурияти Ўзбекистон комёбиҳои нав ба нав, ба халқи бародари ўзбек сулҳ ва беҳбудӣ таманно дорам.

Бо эҳтиромӣ самимӣ,

Эмомалӣ РАҲМОНОВ,
Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон.

◆◆◆

Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Аълоҳазрат, ба муносибати Рўзи истиқлолияти мамлакататон муборакбодии самимиамро қабул намоед.

Ман аминам, ки риштаҳои дўстии самимие, ки мамлакатҳоямонро муттаҳид месозанд, дар оянда ҳам мустаҳкам ва ривоҷ меёбанд.

Аълоҳазрат, эҳтироми баландамро нисбати Шумо ва дархости комёбиҳои беҳтаринро қабул намоед.

Бо эҳтиром,

Вайра ВИКЕ-ФРЕЙБЕРГА,
Президенти Ҷумҳурияти Латвия.



Истиқлол ба ӯ бахт овард

Авлоду аҷдодҳои Алишер кулол мебошанд. Вай дар ноҳияи Ғиждувони вилояти Бухоро таваллуд ёфтааст. Аз рўзе, ки ақли худро шинохт, аз устохонаи кулолии падар берун набаромад.

Ҳар хел табақҳои сафолӣ меофарид, онҳоро ороиш медод. Ба ў хусусан тасвири паррандагон дар рўи лаганҳо хуш меомад. Падари бузургвораш шабу рўз меҳнат кунад ҳам, ҷомааш нав намешуд. Чӣ кор кунад, касби падарро накунад, шикам сер нашавад. Кам бошад ҳам, баракат дорад.

«Аз ин хел камбағалона зистан кулол нашуданам беҳтар»—аз дил мегузаронд Алишер Нарзуллоев. Солҳо гузаштанд. Мактаббро хатм намуда, дар институти меъморӣ—сохтмонии давлатии Самарқанд такмили дониш кард. Баъди итмоми он дар идораҳои сохтмонӣ ҳамчун прораб, сармуҳандис ва директор адои вазифа намуд.

Падари бечорааш касби бобоиро намепартофт ва замони шўро ба қадри ин зумра ҳунарварон нарасад ҳам, ҳамон кулолгарӣ мекард.

Ибодулло-кулол падари Алишер, ҳар замон таъкид мекард, ки кулолгарӣ дар хонадон қатъ шавад, безобита гардидани рўҳи бобоён аз эҳтимол дур нест. Ин насиҳати падар ба писар маъкул афтода, вай дар вақтҳои холӣ нозукиҳои касби бобоиро меомўхт. Табъаш равшан мегашт. Фаромўш намекард, ки «падар розӣ—ҳудо розӣ» гуфтааند.

Дар баробари кор дар сохтмон дар соҳаи кулолгарӣ низ хеле корҳоро ба somon расонд. Соли 1989, вақте, ки аввалин бор намоишгоҳи ҳудро кушод, тамошобинони зиёде гирд омаданд. Ҳайрон мешуданд онҳо ки роҳбари як корхонаи калон наход боз бо чунин касбу кори хокорона машғул бошад. Аз ин гапҳо хафа не, хурсанд мешуд, меҳраш ба кулолгарӣ афзун мегардид.

Мустақилият ба қадри ҳунарварон расид. Алишер Нарзуллоевро роҳбари маркази зъодии бачаҳо ва наврасони Ғиждувон таин карданд. Ба авлоди чавон бахри омўхтани асрори кулолгарӣ устодӣ намуд. Устоди касби ҳуд будани ўро ҳатто ЮНЕСКО эътироф намуд. Ба гирифтани ордени «Дўстлик» муяссар гашт. Ўро ба аъзогии иттиҳодияи «Устозодагони шаҳри Тошканд» қабул намуданд. Соли 1999 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон бо медали тилло ва мошини сабукрав тақдир карда шуд. Дар арафаи ёздаҳсолагии истиқлолияти мамлакат бошад, ба ў унвони «Устои Мардумии Ҷумҳурияти Ўзбекистон»-ро раво донистанд. Ин бахти баланд нест? Алҳол бо фаъолияти кулолии ў на фақат сокинони ҷумҳурият, балки алоқамандони санъати кулолии беш аз 30 мамлакати ҷаҳон ошнӣ доранд. Намоишномае, ки дар толори марказии Академияи бадеии Ўзбекистон рўзҳои арафаи дувоздаҳсолагии истиқлолият баргузор гардид, ба панҷоҳсолагии шашумин авлоди ҳамин сулола Алишер Нарзуллоев бахшида шуд.

Алишер намунаи корҳои падари ҳудро, ки умре машғули ин ҳунар буд, намоиш дод. Лаганҳоро ба маърази тамошо гузошт, ки дар онҳо сурати паррандагон нақкўшӣ шудааند. Даврои санъати кулолӣ дар намоишгоҳ ҷои ҳудро пайдо карданд. Офаридаҳои ҳунарваронаи Алишер Нарзуллоев, ба назарамон, «Шашмақом»-ро ба хотир меоваранд. Аз санъати мумтоз дарак медиҳанд.

Ҳайкалчаҳои мумтоз низ дар эҷоди ў ҷои муҳимро ишғол менамоянд. Дар офаридаҳои вай чиҳатҳои нозуки санъати базлагўӣ, қиёфаҳои Насриддин Афандиро ҳам дидан мумкин аст. Аз ин тасвирҳо бармеояд, ки Алишер дар санъати тасвириии кулолӣ низ ҳунраварри асил аст. Вай ҳам кулол, ҳам нақкўш ва ҳам ҳайкалтарош ба назарамон меросад. Тасвири болу пари мурғон дар эҷоди ў бисёр вомехўранд. Ин анъана аст, чӣ рамзе дар он ниҳон, ба мо равшан мебошад. Он рамзи орзуст.

Дар офаридаҳои Алишер Нарзуллоев беш аз шаст навъи анъанаҳои санъати кулолгарии Ғиждувонро дидан мумкин аст.

Маҳмуд АҲМЕДОВ,
санъатшинос.

Дирўз Рўзи истиқлолияти Тоҷикистон буд

Қонунҳо заминаи бовариро ба вуҷуд меоранд

Дар ин рўзҳо гирудори дипломатҳои сафоратҳонаи Тоҷикистон дар Ўзбекистон зиёд аст. Мулоқоти вазирони корҳои хоричии давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), ки дар Тошканд баргузор шуд, ҳамчунин фаро расидани Рўзи истиклолияти Тоҷикистон (9 сентябр) ва каме пештар кушода шудани бинои нави сафоратхона боиси ин пуркории онҳо буд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин Сафири Фавқулоъда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ўзбекистон **Ғуломҷон Мирзоев** фурсат пайдо намуд, ки бо журналистон сўҳбат намояд ва аз хусуси ҳамаи он нақл кунад.

Дар ин рўзҳо мавзўи мулоқоти роҳбарони вазоратҳои хоричии кишварҳои аъзои СҲШ—Русия, Чин, Қирғизистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Ўзбекистон дар Тошканд ҳанўз хеле зиёд муҳокима мегарданд.

Сафир дар бобати аҳамияти созмон барои Тоҷикистон сўҳбат намуда, гуфт, ки дар замони муосири мо мамлакатҳо ва хусусан кишварҳои ҳамсоя наметавонанд бе ҳамкориву ҳамгарой пеш раванд. Ва ҳеҷ кишваре танҳо бо имконот, ниру ва захираҳои худ ба таври бояду шояд ҷамъият ва давлати худро таъмин карда наметавонад.

Аз ин боис СҲШ, ки дар ҳоли ташаккулёбист, аз чунин мақсадҳо пайгирӣ мекунад ва дар чорчўбаи он ҳамкориҳои мамлакатҳо дар заминаҳои муборизаи бар зидди терроризми байналмилалӣ, гардиши ғайриқонунии моддаҳои нашъаовар ва яроқ муҳим аст, ки бидуни сафарбарии нируҳои марбути маъмуриву қудратии тамоми ин давлатҳо номумкин мегардад.

Ғ.Мирзоев аз хусуси муносибати дуҷонибаи Тоҷикистону Ўзбекистон ҳарф зада, аз ҷумла гуфт, ки муайян намудани хати сарҳадҳои давлатии байни ҷумҳуриҳо идома дорад.



Истгоҳи барқии Роғун пас аз Норак дуюмин чунин иншоот дар дами дарёи Вахш мебошад. Аммо сохтмони Роғун ҳанўз ба охир нарасидааст. Аз он боис ҳоло дар Тоҷикистон ҳамагӣ 14,6 фоизи зарфияти барқистехсолкунии оби дарёҳо ба роҳ афтодааст ва он ба туфайли итмоми сохтмони Роғун ба 28 фоиз хоҳад расид.

Сафир инчунин аз ҳолати инкишофи имрўзи иқтисодиёти Тоҷикистон таваққуф намуда, зикр кард, ки дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ маҳсулоти нохолиси дохилӣ (ВВП) 8,7 фоизро ташкил намудааст, ки он дар соҳаи саноат 11 фоиз ва дар кишоварзӣ 1,5-1,7 фоизро ташкил намудааст. Дар назар аст, ки имсол беш аз 500 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ гардад. Соли гузашта ҷумҳурӣ 515 ҳазор тонна «тиллои сафед» ба даст оварда буд.

Ҳоло ҳозир ҳукумат қарорҳои муҳимро барои баланд бардоштани асосҳои иқтисодии мамлакат қабул менамояд. Президент бошад, заминҳои ҳалмӣ ва адиру теппаҳоро ба мардум тақсим намудааст, ки аз онҳо истифода намоянд. Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳимояи сармояи хоричӣ низ қабул гаштаанд, ки итминони хоричиёнро ба вуҷуд ованд.

Сохтмонҳои бузург мисли истгоҳҳои барқии Роғуну Сангтўда ва тоннели Уштур имрўз ба вазифаҳои стратегии мамлакат табдил ёфтаанд.

Т.ИКРОМОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Набзи Тоҷикистон

Кўмак барои маърифат ва ҳифзи сиҳҳат

Дар Душанбе маросими имзои санад дар бораи аз ҳукумати Ҷопон супурдани маблағ дар ҳаҷми доллари ИМА ба амал омад. Ин маблағ ба татбиқи 17 лоиҳаи оид ба беҳ сохтани ҷабҳаҳои маърифат ва ҳифзи сиҳҳати Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст. Кормандони сафорати Ҷопон қайд намуданд, ки кишвари онҳо яке аз пуштбононии бузурги Тоҷикистон ба шумор меравад. Чунончи, онҳо аз соли 2002-юм 74 лоиҳаи башардўстонаро бо маблағ дар ҳаҷми 3 миллион доллари Амрико таъмин намуданд.

Кори ҳама

Муборизаи ба муқобили мубодилаи ғайриқонунии нашъа ба ҳама дахл дорад, чунин буд хулосаи иштирокдорони шўрои мутобиқсозии мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартиботи ноҳияи Исфара. Бино бар суханони мушовири додситони Исфара Одилҷон Шокиров аз аввали соли равон 18 ҳодисаи ҷиноятӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ба мубодилаи ғайриқонунии нашъа алоқаманд мебошанд. Ин теъдод аз нишондиҳандаҳои соли гузашта камтар бошад ҳам, моро ҳушдор медиҳад,—зикр намуд О.Шокиров.—Ҳаҷми маводи мусодирашудаи нашъаовар 44 килограмро ташкил дод. Ногуфта намонад, ки мушкилоти асосии муборизаи ба муқобили мубодилаи нашъа дар дўши кормандони милитсия аст. Дигар сохтороҳои нерўй дар ин кор суст кор мебаранд.

Фурўши фулузоти ранга

Дар рафти амалиёти махсуси навбатӣ кормандони шўъбаи муборизаи ба муқобили мубодилаи ғайриқонунии нашъаи раёсати корҳои дохилии вилояти Суғд зиёда аз 8,5 килограмм симобро аз сокини ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Ҳомид Султонов, ки ҳангоми фурўши он ба даст афтод, мусодира намуданд.

Бинобар изҳороти намояндаи раёсати корҳои дохилии вилоят вақтҳои охир ҳодисаҳои хариду фурўши фулузоти ранга хеле камтар шудааст, вале «корчаллонҳои» алоҳида саъй менамоянд, ки онро дар бозорҳои дохилӣ ба савдо зананд.

Зану шавҳари таҳриргаро

Дилафрўз Маҳмудоваи 26-сола ҳангоми пахн намудани адабиёти мавзўъашон динию экстремистӣ дастгир шуд. Вай вазифаи тарғиботгарии ҳизби махфии динии «Ҳизб-ут-таҳрир»-ро баъд аз он ки шавҳараш ба маҳкама афтод, ба дўши худ гирифт. Додситони вилояти Суғд бинобар ин ҳодиса парвандаи ҷиноӣ боз кард. Вале муфаттишон лозим донистанд, ки алҳол нисбати зан чорахои сахт наандешанд. Бо назардошти он ки ў кўдаки ширмак дорад, аз вай барои ба ҷое баромада нарафтанаш забонхат гирифтанд.

Синфхонаҳои компютерӣ

Дар рўзи аввали соли нави таҳсил боз дар панҷ мактаби ноҳияи Исфара синфхонаҳои бо компутер таҷҳизонида шуда ба кор сар карданд. Ин таҷҳизотро ба онҳо хоҷагиҳои аграрие, ки мактабҳо дар ҳудуди онҳо ҷойгир ҳастанд, тўҳфа намуданд.

Акнун толибилмон аз синфи якум ба компутерҳо машғулот мегузаронанд. Соли равон дар 85 муассисаи таълими ҳамагонии ноҳияи Исфара зиёда аз панҷ ҳазор кўдакон бори нахуст ба мактаб рафтанд. Чунон ки мудири шўъбаи маорифи ноҳия Ҳайдарҳўҷа Тўхтаев иттилоъ дод, шумораи умумии синфҳои компутердор дар мактабҳои Исфара ба 26-то расид. Онҳо бо 170 адад компутерҳои замонавӣ мучаҳҳаз шудаанд.

ОМИ «Туркистон-пресс»
ва «Вароруд».

«Осиёи ҳақиқӣ» дар куҷост?

Мамлакате дар ҷанубии китъаи Осиё, ки интихоби кисми материки он — нимчазираи Малаккаро ташкил менамояд, ҳамчунин тақрибан ними нимчазираи Калимантанро дарбар мегирад, соли 1957 (31 август) истиклолияти ҳудро аз истеъмори Британияи Кабир эълон намуд.

Малайзия дар солҳои пеш аз истиклолият ва пас аз он бо роҳи тараккиёти бебозгашт пеш меравад, ки алҳол аз равнакёфтатарин кишварҳои китъа аст. Мамлакатро беш аз бист сол аст, ки нахуствазир Махатхир Муҳаммад рохбарӣ мекунад, агарчи Султон дар мамлакат ба масъалаҳои ифтихорӣ ва баъзе аз вазоратҳо бевосита маъмурият дорад.



КУАЛА ЛУМПУР. Ҷолан Тун Раззоқ аз хиёбонҳои марказии пойтахт аст.

Шоҳи Малайзия Янг Ди-Пертуан Агонги Х11 Туанку Сайид Путра Ҷамолуллайл, ки имрўзҳо аз Ўзбекистон боздид менамояд, аслан султони иёлати Перлис буд ва тибқи Қонуни Асосии мамлакат навбати шоҳигарӣ аз ў аст, ки дар ин вазифа панҷ сол хоҳад буд. Ва ҳамчунин дигар султонҳо, ки ҳар яке дар иёлати ҳуд (чунин иёлат нўҳтост) ҳамин гуна вазифаро бо ўҳда дорад, ба навбат шоҳи мамлакат хоҳанд гардид.

Дар Малайзия, ки мамлакати ҳудро аҳли он «Осиёи ҳақиқӣ» меномад, дар баробари ҳама гуна меъёрҳои умумӣ ва арзишҳои демокративу дигар дастовардҳои башарият, баъзе аз хусусияти русуму анъанот амал менамояд, ки онҳо бо қонунҳои расмӣ тасдиқ ҳам ёфтааند. Ва эҳтимол бо назардошти ҳамин гуна тафовуту гуногунии ҳаёти иҷтимоиву ҳуқуқӣ онҳо маъвои ҳудро «Осиёи ҳақиқӣ» ном баранд, ки ғайр аз ин ба чунин тоифа гузошта шудани мамлакаташонро аз ҳамзистии қавму миллатҳои мухталиф ва сукунати пайравони динҳои гуногун низ ҳисобанд.

Дар мамлакат агарчи беш аз 50 фоизи аҳолии 24 миллионнафараи он мўътақиди дини Муҳаммадӣ мебошад, дар солҳои нахустини истиқлолият зарурат пеш омад, ки барои бомаърифат ва саводнок намудани онҳо дар сатҳи давлатӣ чораҳои муҳим татбиқ гарданд. Барои аҳли ислом мактабу донишгоҳҳои махсус таъсис гардиданд ва хонандагони онҳо бо сармояву кўмаки давлат таълим мегирифтанд. Ҳамин тариқ маърифати илмиву фаннӣ ва динии аҳли ислом боло бурда мешуд ва барои ин мамлакат маблағи зиёд харҷ мекард. Ба ин мақсадҳо бонку донишгоҳу мадрасаҳо инкишоф меёфтанд ва ҳамин гуна сиёсат бояҳои баъзе эътироз ва ҷудоихоҳӣ низ мегардид, ки аз ҷумла иллати аз Малайзия ҷудо шудани Сингапур (с.1965) низ дар ҳамин будааст.

Баъдтар мамлакат бо назардошти ҳамин гуна фикрҳои мухолиф сиёсати ҳудро таҳрир менамуд ва дар ин асно ба сари ҳукумат Маҳаддҳир Муҳаммад меояд, ки имрўз аксари дастовардҳои мамлакатро бо номи ў вобаста медонанд. Маҳз чунин сиёсати баъдан такмилёфтаи мамлакат буд, ки ҳоло кишвар дар минтақа ва ҳатто Осиё на танҳо бо пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ, балки бо ҳамзистии орому осудаи қавму аҳли мазҳабҳои гуногуни муқими мамлакат менозад. Ва роҳбарияту халқи он аз ин неъмати ҳамзистӣ барои равнақи мамлакат истифода менамояд. Дар Малайзия дар тафовут аз кишварҳои ҳамсояш фаъолияти гурўҳҳои ифроткор ва ё харобсозиҳои тундравон дар ин заминаҳо ба назар намерасад. Аммо ҷолиб он аст, ки аҳли исломи кишвар барои ҷиноятҳои ҳуд, ки айни чунин амал барои ғайримусалмон чун ҷиноят ҳисобида намешавад, тибқи таҳозои ҳукми шариат ҷазо мегирад. Барои мусулмон ис-

Либоси ҳатмии духтаронаи толибагони мактабҳои давлатии Малайзия.

теъмоли машруб, боздид аз казино, ҳар гуна бозиҳои қарта мамнўъст, аммо барои дигарон дар ин амалҳо маҳдудият ҷорӣ нагардидааст.

Ҳангоми сафари Малайзия баҳори соли ҷорӣ гурўҳи мо—журналистон ин нақлҳоро аз роҳнамои гурўҳ, менечери оид ба мамлакатҳои ИДМ-и ширкати «Глобал ҳолидей»-и Малайзия Райен Коҳ шунида, воқиан мутааччуб гардидем.

Аз ҷумла барои муслимаҳо ҳуқуқи талоқ гирифтан низ номумкин буданро аз Райен шунидем.

Дар ҳар сурат чунин манзараи якранге, ки ҳамаи ҷамъият яknавохт либос пўшидаву дилгиркунанда бошад, ба назар асло намехўрад. Лекин аксаран зуд пай бурдан мумкин аст, ки кадоме аз онҳо (хусусан занҳо) малай, яъне мусулмон, кадоме чиноиву кадоме ҳинду. Ғайр аз ин тоифаҳо панҷобиҳо низ дар Малайзия зиёд мебошанд, ки бо аҳли мамлакат тез унс гирифтаанд.

Малайзияи федеративӣ ва мутлақияти конституторсионӣ аксари сохтори давлатдориву маъмурии ҳудро аз Британияи Кабир қабул намуда, тақрибан тамоми сунатҳои ҳудро на танҳо ҳифз намудааст, балки онҳо дар сохторҳову таркибҳои гуногуни зинаҳои мухталифи маъмуриву иқтисодӣ мустаҳкам ҷой гирифтаанд. Дар солҳои охир мамлакат инкишофи солонаи Маҳсулоти нохолиси дохилиро дар ҳаҷми 7,5 фоиз нигоҳ медорад. Дар тавлиди каучук, равғани нахл, қалъагӣ, чўбу нафт мамлакат хеле пеш рафтааст. Мошинсозиву саноати сабук ва саноати кимиёву василаҳои электронӣ аз соҳаҳои муҳими ҳаёти иқтисодии Малайзия гаштааст.

Малайзия соли 1992 бо Ўзбекистон робитаи расмии ҳудро ба роҳ гузошт. Дар ин муддат сафари расмии Президент И.Каримов ба Малайзия соли 1992 баргузор шуд ва соли 1993 раиси ҳукумати он М.Муҳаммад аз Ўзбекистон боздид намуд.

Алҳол дар 18 корхонаи ҷумҳурӣ сармояи Малайзия мавҷуд мебошад. Ва имрўз зиёд гуфта мешавад, ки рушди робитаи ин ду кишвар истиқболи нек дорад.

Тоҷибой ИКРОМОВ,
шореҳи сиёсии
«Овози тоҷик».
Суратҳои муаллиф.

Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба мактабҳои миёнаву махсуси республикаи Ўзбекистон пайваста ёрӣ мерасонад.

Алҳол ба мактабҳои миёнаи вилояти Фарғона 10 то компютерҳои замонавӣ тақдим кард, ки ба мактабҳо супурда шуд.

Ёрии хайрхоҳона

Ба мактабҳои вилоятҳои Андиҷон низ 8-то ва Намангон 7-то ҳамин гуна компютерҳои нави ба талаби стандарти ҷаҳонӣ ҷавобдиҳандаро тухфа карданд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки то ҳол ба мактабҳои вилояти Фарғона 7-то, сеяки мактабҳои вилоятҳои Андиҷону Намангон бо компютерҳои замонавӣ таъмин гардиданд. Истифодаи компютерҳо имкон медиҳад, ки доираи ҷаҳонбинии хонандагон вусъат ёбад.

Дар ҷамъомаде, ки ба тақсимот ва минбаъд бо компютерҳо таъмин кардану мустаҳкам намудани дўстии ҷудонашавандаи Ўзбекистону Амрико дар гимназияи «Парвоз»-и шаҳри Фарғона баргузор гардид, намояндаи оҷонсии ИМА Бет Салламанка хонум ва директори лоиҳагирӣ ҷаноб ПЭРРЭБ иштирок намуда қайд карданд, ки дар ин ҷо минбаъд корҳои хайрро идома медиҳанд.

К. МУҲИДДИНОВ.
(Мухбири худамон).

Мӯҳсин УМАРЗОДА

Ҷилвагоҳи хирад ва дониш

Ба муносибати ҳазораи Носири Хусрав

Имсол мувофиқи қарори Созмони тарбиятӣ, илмӣ ва фарҳангии Милалаи Муттаҳид (ЮНЕСКО) ҳазорумин солгарди таваллуди яке аз чеҳраҳои дурахшони шеъру адаб ва илму дониш Носир Хусрави Қубодиёнӣ на танҳо дар Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, балки инчунин дар як қатор кишварҳои Урупо, Амрикои Шимолӣ ва дар ҳар ҷое ки ин мутафаккир ва файласуфи бузург нӣ дигар мардумон низ ҳамчун муборизи роҳи ҳаққу адолат ва бахту саодати инсон мӯҳтарам аст, ҷашн гирифта хоҳад шуд.

Ҳаким Носири Хусрав дар таъриҳи адабиёт ва тамаддуни халқи тоҷик ҷойгоҳи волои пурарҷу пурифтихоре дорад. Вай ҳамеша дар маркази ҷараёнои ичтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва динии замони худ қарор дошт ва афкори барои асрҳои миёна бағоят шуҷоатмандонаро изҳор мекард. Чун донишманди забардаст бештар аз ҳама аз хирад ва дониш сухан мегуфт ва ин мавзӯъ меҳвари асосии тамоми андешаҳои мазҳабӣ, фалсафӣ ва ахлоқии ӯ гардида буд. Чун шоири рангинхаёл доди суханро дода, фикрҳои бикр ва муассиреро бо лафзи шевою расо дар таркибот, истиорахо ва таъбироти ширин баён менамуд. Девони ашъораш ганҷинаи панду андарзҳои ҳакимона аст.

Ховаршиноси инглис Эдуард Браун дар бораи ашъори Ҳаким Носир чунин изҳори назар мекунад: «Девони Носири Хусрав иборат аз баҳам пайвастани фикри бикр, донишмандӣ ва самимият, эҳтиқоди шӯҳлавар ва шучоат, нафрат доштан аз хушомадгӯи дунёдорон ва чунин мардонагие мебошад, ки мислашро аз ҳеҷ кадом шоири дигари порсигӯ, чунон ки ман медонам, пайдо карда тавонистан даргумон аст».

Банда дар ин ҷо мехоҳам аз самти риштаи сухан каме канор рафта, худ аз худ бипурсам: оё мо, ворисони бевоситаи мероси гаронбаҳои Носири Хусрав, тамоми бузургӣ ва ҷовидонагии ӯро, чунон ки бояд, дарк кардаем? Оё ин шоир ва ҳакими беназир аз иноят ва эҳтиҳоти халқи азизи худаш ба таври кофӣ баҳраманд будааст? Мо, ки, масалан, рубоиёти Хайёмро даст ба даст бурда ва ё ғазалиёти Ҳофизро вирди забон менамоем, оё айни ҳамин гуна таваҷҷӯҳ ва илтифотеро дар ҳаққи Носири Хусрав ба ҳамон андозае, ки ин нобиғаи тамаддун ва фарҳанги мо сазовор аст, адо намудаем? Дар ёд надорам, ки чӣ замоне як маросими умумихалқӣ, бо шукӯҳи хос, бо иштироки намояндагони кишварҳои дуру наздик ба муносибати соли таваллудаш баргузор намуда ва ё дар ягон ҷо мучассамае ба ифтихори ӯ сохта, аз рӯи он пардабардорӣ карда бошем. Ҳатто «Хусрав»-ро «Хисрав» менависем, ғофил аз он, ки шакли «Хисрав» ғалат асту маъниии хубе надорад ва бояд ҳатман «Хусрав» навишта шавад, ки яке аз зеботарин номҳои ниёконамон мебошад ва аз ду вожа—яке «ху» ба маъниии хуб, хуш ва дигаре «сравах» ба мафҳуми шӯҳрат таркиб ёфтааст ва ҳар ду вожа бо ҳам «хусравах» (ба сурати имрӯза «хусрав») мешавад, ки бо некӣ шӯҳратёфта, нековоза, номдор гуфтан аст.

Вале агар фарз кунем ҳам, ки иноятӣ мардумӣ ба Носири Хусрав коҳиш ёфтааст, дар он сурат низ арзиши мероси ӯ ҳаргиз заррае коста нахоҳад шуд. Ашъори ӯ чи тавре ки буда бошад, ҳамоно дурру гавҳарҳои гаронқиматӣ аст, насри вай дарёи бекаронаи фикру андешаҳои мутафаккирона мебошад, ки ҷаззобтарин, жарфандештарин осор дар тамоми таъриҳи адабиётамон аст.

Бояд гуфт, ки зиндагӣ ва ҳаллоҷиятӣ илмию адабӣ ва фаъолиятӣ сиёсию ичтимоии ӯ таҳти фишорҳо ва мушкилоти зиёде ҷараён дошт. Зеро замони ӯ замони тираву тор ва нооромеи буд. Кишвар зери суми аспони ҷаҳонхорон поймол мешуд, мардум хонавайрон мегаштанд, ҷаҳолат ҳамаро фаро мегирифт. Дин ҳам аз соддагии пешинаашдур шуда, ба ҳафтоду ду миллат (мазҳабу ойин) тақсим шуд ва ҳар фирқа бо ҳамдигар низоъу нифоқ мекарданд ва ҳар кадом боз дар дохили худ ҳам ихтилоф доштанд. Бузургони илму адабро низ барои эҳтиқодоташон таъқиб мекарданд, бедину кофир мешумурданд. Яке аз ин бузургон, ки Ибни Сино аст, ба ононе, ки ӯро ба кофирӣ айбдор мекарданд, гуфта буд:

Куфри чу мане газофу осон набвад,
Маҳкамтар аз имони ман имон набвад.
Дар даҳр чу ман якеву он ҳам кофир?
Пас дар ҳама даҳр як мусулмон набвад.

Носири Хусрав низ дар умри худ бисёр фарозу фурудҳоро тай кард, бисёр душворию машаққатҳо кашид. Ӯро низ мункири худо ва баддину бадмазҳаб дониста, дучори ранҷу озор ва зачру махрумият намуданд. Бинобар ин Носири Хусрав дар ҷавоб ба мутаассибон гуфт:

Он ҳамегӯяд имрӯз маро баддин,
Ки ба чуз ном надонад зи мусалмонӣ.

Мутаассибон дар баҳсу мунозира бо Носири Хусрав ба саволҳои ӯ ҷавоб дода натавониста, аз вай интиқом гирифтанӣ мешуданд ва мардумро бар зидди ин донишманди бузург мешӯроniданд. Дар як манбаи марбут ба зиндагиномаи ӯ, ки мураттибаш гумном аст, аз забони худи шоир чунин нақл шудааст: «Рӯзе мӯзаи ман дарида буд, бар дӯкони мӯзадӯз рафтам, то мӯза бидӯзад ва шогирди ман аз ҳоли ман намедонист ва хабар надошт, илло, ки бо ҷамеи мадраса баҳс мекард, ӯро бигирифтанд ва ба куштан ҳукм карданд ва маро аз ин хабар набуд. Ногоҳ мӯзадӯз аз пай баромад. Аз бозор бародарам омад ва мӯзаро шитоб кард сахт. Чун соате таваккуф кард ва мӯзадӯз биёмад ва бар сари дирафш пораи гӯшт овард. Ва гуфтам: «Ин чӣ овоз бувад ва ин чист бар сари дирафши ту?» Гуфт: «Гӯштпора. Имрӯз ҷавоне омад дар мадраса—шогирди Носири Хусрав ва баҳс кард бо фуқаҳо. Бо вай мунозара карданд...Ва вай чун далели худ шеъре аз ашъори Носири Хусрав овард, ӯро бигирифтанд фуқаҳо ва бикуштанд,...пора-пора карданд ва гуфтанд: «Бигиред гӯшти вай аз ҷиҳати табаррук!» Ман низ ин қитъа гӯшт гирифтам» ...Гуфтам: «Эй бародари мӯзадӯз, мӯзаро ба ман деҳ, то аз ин шаҳр бурун оям, нек нест дар ин замин, ки шахсе шеъри Носири Хусрав натавонад хондан». Пас мӯзаро гирифтам ва таҳияи роҳ кардам ва бурун омадам. Дар кӯҳҳо ва роҳҳо мерафтам ва ҳасрат меҳӯрдам сахт бар шогирди донои худ, бигиристам ва оби чашм меборидам ва бирён мешудам аз фироқи шогирди дӯсти меҳрубонам».

Чунин буд авзоъ ва аҳволи фарҳангӣ, мазҳабӣ ва сиёсии кишвар қабл аз ва баъд аз зода шудани Носири Хусрав. Вай моҳи зилқаъдаи соли 394-уми ҳиҷрии қамарӣ таваллуд ёфта буд, ки баробар аст бо соли 382 ҳиҷрии хуршедӣ ва 1003-юми солшумории мелодӣ. Моҳи зилқаъдаи соли қамарӣ давраи байни 20 август то 19 сентябри таҚвими мелодиро дар бар мегирад. Худи шоир соли таваллудашро дар байти зерин нишон додааст:

(Давом дорад).

Мӯҳдаҳо аз вилояти Самарқанд

Ва сабақи маънавӣ...

Коллеҷи якуми омӯзгории Самарқанд, ки дар 6 самт: муаллими синфҳои ибтидоӣ, омӯзгори меҳнат, нақшакашӣ ва расмкашӣ, ташкилотчии корҳои беруназсинфӣ ва ғайра мутахассис тайёр мекунад, 75-сола шуд.

Чунон ки ба хабарнигори ОМИ «Туркистон пресс» иттилоъ доданд, зиёда аз 1000 нафар тарбиягирандагони коллеҷ асосҳои ихтисоси хешро меомӯзанд. Дар коллеҷ бинобар фанҳои гуногун 29 мӯҳфил амал менамояд. Толибилмони он машғулотҳои донишҳои омӯзгорӣ, оила ва никоҳ, асосҳои ҳуқуқшиносӣ, табиби оилавиро меписанданд, клубҳои «Чаҳонбинии ту», «Иқтисоддони ҷавон», «Сабаҳҳои маънавият»-ро дӯст медоранд.

Дар коллеҷ вохӯрӣ бо шоирон ва нависандагон, кормандони мақомоти ҳуқуқу тартибот, ҷамоаҳои эҷодии Самарқанд анъанавӣ гардидааст.

Ба маркази маҳалла — телевизор

Дар ноҳияи Тайлоқ дар як вақт шаш маркази маҳаллаҳо ба истифода супурда шуданд. Навъе ки ба хабарнигори «Туркистон-пресс» маълумот доданд, онҳо бо усули халқии ҳашар бунёд ёфтаанд.

Дар онҳо барои сокинони маҳалла—нуктаҳои тиббӣ, хонаҳои хизмати маишӣ, золҳои варзиш, дӯконҳо мавҷуданд. Ба марказҳо аз номи ҳокимияти вилоят тӯҳфаҳои қиматбаҳо ва телевизорҳо супурда шуданд.

Дар ноҳия дар ҷаҳорчӯбаи «Соли маҳаллаи обод» бунёди боз 15 чунин маркази маҳаллаҳо дар назар дошта шудааст.

ОМИ «Туркистон-пресс»

Дар мамлакатамон эътибор ба рушди варзиши бачагона баланд аст. Дар толори варзишии иттиҳодияи саҳҳомии «Намангантекстил» фарзандони ин коргоҳ бо якчанд намуди варзиш машғул гардида ва аз имкониятҳои васеъ, ки бароҳои фароҳам аст, истифода бурда метавонанд. Маҳфилҳо мунтазам амал мекунанд ва сафи иштироқдорон—аъзоёни он торафт меафзоянд. Усули таэквандо ва каратэ, ки аз намудҳои оммавишудаи ҷанги дастии шарқона аст, ҳаводорони зиёд пайдо мекунад. Аз миёни онҳое, ки имрӯз нозукиҳои ин намудҳои варзишро меомӯзанд, амин ҳастем пагоҳ варзишгарони номӣ мебароянд ва шарафи спорти кишварро баланд мебардоранд.

***Дар сурат: 1.** Зӯрозмоӣ шиддат меёбад. **2.** Варзишгари бомаҳорат, соҳиби «тасмаи сиёҳ» **Мурод Худоёров** ҳини машғулот бо аъзоёни маҳфил.*

Суратгир: Р. АКБАРАЛИЕВ.



Бонги изтироб

Равоншиносон дар мактаб барои чӣ кор мекунанд?

Рӯзномаи азиз! Шояд ба дарди мо расиву муаммои моро ба зудӣ ҳал карда тавонӣ?!

Ин муаммоҳо дар ҳаққи равоншиносон (психологҳо) асту панҷ моҳ боз гирехи ин масъала кушода намешавад.

Туро маълум бояд бошад, ки аз 1 августи соли 2002 Фармони Вазорати халқи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар бораи «Ҳидмати психологӣ дар маорифи халқ» ба чоп расидааст ва Низоми мазкур тасдиқ ёфтааст.

Мувофиқи нишондоди фасли 7 оиди «Бо маблағтаъминкунии хидмати психологӣ дар бандҳои 1 ва 2 қайд гардидааст.Масъалаи аввал ҳамин ки агар аз моҳи апрел тамоми омӯзгорони мактабҳо бахраманд шуда оянд, психологҳо бошанд аз имтиёзҳо махруманд.

Тавре ки дар банди якуми Низоми хидмати психологӣ қайд ёфтааст, ин маоши равоншиносон аст. Мувофиқи Низом маоши психологҳо ба шумораи бачагони таҳсилгиранда вобаста бояд бошад ва ҳол он ки дар ноҳияи Сӯх дар ҳамаи мактабҳо қатъи назар аз шумораи бачагон маоши «якхелаи стандартӣ» ҷорӣ кардаанд.

Ба ҳалли ин масъалаҳо аз масъулони шӯъбаи маориф ва шӯъбаи молияи ноҳия борҳо даҳониву хаттӣ даво ҷустем, аммо панҷ моҳ инҷониб онҳо ҷавоби солим дода наметавонанд. Масъулони шӯъбаи молия Низоми мазкури Вазорати маорифро тан гирифтан намехоҳанд, гӯё ки он бо Вазорати молия якҷоя тасдиқ нашуда бошад.

Редаксияи азиз! Кӯмак расон, ки шояд ба суолҳои мо посухи саривақтӣ расонӣ:

1) Маоши равоншиносон ба чӣ вобаста?

2) Психолог дар мактаб барои кӣ ва бо кӣ кор мебарад?!

А.НАЗАРҚУЛОВ, И.САМАНДАРОВ,
аз номи гурӯҳи психологҳои мактабҳои ноҳияи Сӯх.

АЗ РЕДАКСИЯ: ***Аз шумо, кормандони шӯъбаҳои молия ва маорифи халқи ноҳия хоҳиш мекунем, ки ба мактуби А.Назарқулов ва И.Самандаров равшанӣ андозед ва як нусхаи онро дар тӯли як моҳ ба рӯзномаи «Овози тоҷик» фиристед.***

Шарҳ

ба рӯҳаи таълимие, ки барои соли хониши 2003-2004 дар мактабҳои таълими умумии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон муайян карда шудааст

Рӯҳаи таълимӣ дар асоси «Қонун дар бораи таълим», «Дастури миллии тайёр намудани кадрҳо» ва аз рӯи нишондодҳои Вазорати нигаҳдории тандурустӣ, инчунин дар асоси қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, ки 16 августи соли 1999 таҳти рақами 390 тасдиқ шудааст ва дар асоси «Стандарти давлатии таълими мактабҳои миёнаи умумӣ» таҳия гардидааст.

Рӯҳаи таълимие, ки барои даври гузариш муайян карда шудааст, он дар соли хониши 2003-2004 барои синфҳои I-X дар асоси барномаи нав ва дар синфи XI бошад, аз барномаи дар амал буда таҳия гардид.

1. Дар мактабҳое, ки таълимашон ба забони тоҷикӣ мебошад, омӯзонидан ва омӯхтани забони русиро мувофиқи хоҳиши падару модарон ва хонандагон аз ҳисоби забони тоҷикӣ ва адабиёт дар синфҳои II-IV 2 соат, дар синфҳои V-XI бошад, аз забонҳои хоричӣ 1 соат, аз забони тоҷикӣ ва адабиёт 1 соат гирифтан мумкин. Дар асоси қарори шӯрои методии мактаб барои чуқур омӯзонидани забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ аз ҳисоби соатҳои компонентҳои давлат ва мактаб ба тариқи илова истифода бурдан мумкин аст.

2. Фанни (курси) «Ғояи истиқлоли миллӣ: маълумоти асосӣ ва тамоилҳо» мисли пештара дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон аз 18 январи соли 2001 таҳти рақами Ф-1331 дар синфҳои X-XI курси «Ғояи истиқлоли миллӣ: маълумоти асосӣ ва тамоилҳо» дар ҳар синф аз ҳисоби компоненти мактаб 17 соатӣ бояд омӯзонда шавад.

3. Доир ба таъриҳи дин маълумотҳои умумиро аз фанҳои «Олами атрофи мо», «Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият», «Таъриҳ», «Адабиёт», «Одобнома» дар ҷараёни дарс ёд диҳед. Дар синфи IX курси «Таъриҳи динҳои дунё»-ро аз ҳисоби соатҳои дар ихтиёри мактаб буда, ҳафтае 1 соат гузаред ва ҷамъ дар давоми соли хониш 34 соат мешавад. Ба ғайр аз ин соатҳои тарбиявие, ки дар синфи 8 гузаронда мешавад, дар асоси барнома «Сабаҳҳои илми ҳадис»12 соат омӯзонда мешавад.

4. Дар синфҳои I-IV барои гузарондани дарси тарбияи ҷисмонӣ аз материалҳои методии «Собиқадорони Ӯзбекистон» ҳам истифода бурдан мумкин.

5. Дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон, ки 4 январи соли 2001 таҳти рақами Ф-1322 «Дар бораи ташкил намудан ва омӯзондани Қонуни Асосӣ (Конституциаи Ӯзбекистон) дар синфҳои I-IV курси «Алифбои Конституциа» ҳамагӣ 10 соат омӯзонда мешавад.

Дар синфҳои V-VII курси «Сайёҳат ба олами конституциа» ва дар синфи XI курси «Ҳуқуқшиносӣ» 17 соат, дар синфи X бошад 1 соат аз ҳисоби компоненти мактаб омӯзонда мешавад. Ин машғулотҳоро ба ҷадвали дарсии мактаб дохил намуда, дар журнали синф саҳифаи алоҳида кушодан лозим. Курси мазкурро омӯзгороне ҳаҚ доранд дарс диҳанд, ки дар курсҳои махсуси такмили ихтисос ҳонда бошанд.

6. Дар дарси «Биология»-и синфи V аз китоби дарсии «Ботаника» (синфҳои V-VI) мавзӯъҳои муайянкардашудае, ки 34 соатанд, барои синфи VI бошад, давоми китоби мазкур пурра ва дар чоряки IV 14 соат курси «Зоология» гузашта мешавад. Дар синфи VII курси «Зоология» (68 соат) аст. Дар синфи VIII курси «Одам ва саломатии ӯ» (68 соат), дар синфи IX «Биология» (Асосҳои ситология ва генетика) гузашта мешавад. Дар синфи XI аз барномаи дар амал буда, дар синфи X бошад дар асоси барномаи нав китобҳои дарсӣ ва маводҳои методӣ (дастурҳои омӯзишӣ) таълим дода мешавад.

7. Дар синфҳои ибтидоӣ фанни «Табииёт» дар дохили худ курсҳои «Олами атрофи мо» ва «Табиатшиносӣ»-ро дар бар мегирад. Дар синфҳои V-X дарсҳои география барои синфи V ба ҷои 1 соати ҷудокардашудаи ҳафтаина курси ибтидоии «Географияи табиӣ» гузашта мешавад. Дар синфҳои V бояд аз дастури омӯзиши муайянкардашудаи «Курси ибтидоии географияи табиӣ» («Ўқитувчи», соли 2001) истифода бурда шавад. Барои синфи VI дар давоми 68 соат «Географияи табиии материк ва океанҳо», барои синфи VII дар нимсолаи якум 34 соат «Географияи табиии Осиёи Миёна» ва дар нимсолаи дуюм бошад «Географияи табиии Ӯзбекистон» омӯзонда мешавад. Барои синфи VIII «Географияи ичтимоӣ ва иқтисодии Ӯзбекистон», дар синфи IX бошад «Географияи ичтимоӣ ва иқтисодии ҷаҳон» дар асоси китоби дарсӣ ва барномаи омӯзиши таълим дода мешавад.

8. Барои омӯзондани «Қоидаҳои ҳаракати роҳ» дар синфҳои I-VIII дар ҳар синф аз ҳисоби компоненти мактаб дар як сол 17 соат ҷудо карда мешавад. Дар синфҳои I-IV омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва дар синфҳои V-VIII бошад, аз ҷониби омӯзгорони соҳибихтисосе, ки аз курсҳои махсус гузаштаанд, омӯзонда мешавад. Ин машғулотҳоро дар ҷадвали дарсии мактаб дохил намуда, дар журнали синф саҳифаи алоҳида кушодан лозим ва дониши талабагонро санҷида баҳо гузоштан шарт аст.

9. Бо мақсади талабагонро ба ҳаётӣ оилавӣ тайёр намудан аз барномаи «Асосҳои авлоди солим», ки бо ҳамкории Вазорати нигаҳдории тандурустӣ тартиб дода шудааст, дар дарси «Одобнома» барои синфҳои I-IV аз мавзӯъҳое, ки ба он таалluқ дорад, истифода бурдан лозим.

Дар синфҳои V-VIII аз ҳисоби соати компоненти мактаб (17 соат), аз он дар синфи IX ба фанни «Одам ва саломатии ӯ» такя намуданро тақозо менамояд. Мувофиқи қарори Девони Вазирон, ки 25 январи соли 2002 таҳти рақами 32 дар синфҳои X-XI аз ҳисоби компоненти мактаб 17 соатӣ истифода бурда мешавад. «Оилаи солим ва никоҳ, масъалаҳои тавлиди авлоди солим ва тарбияи ӯ», ки аз ҷониби мутахассисони ходимони тиб гузаронида шудааст, ҳамчун китоби дарсӣ истифода бурдан мумкин.

10. Машғулотҳои «Асосҳои бехавфии инсон» дар синфҳои I-IV аз фанни тарбияи ҷисмонӣ 6 соат дар синфҳои V-VII аз «Биологияи умумӣ» ва дар синфҳои VIII-IX аз фанни «Кимиё» 8 соатӣ ҷудо карда мешавад.

11. Ба омӯзгорони бомаҳорат ва мактабҳои таълими умумӣ дар мактабҳои шаҳр, ки ба шароитҳои зарурӣ соҳиб мебошанд, миқдори талабагони дар синф буда 25 нафар ва аз он зиёд, инчунин дар мактабҳои деҳот миқдори талабагон аз 25 нафар ва агар аз он зиёд бошад барои омӯзонидани фанҳои зерин синфҳо ба гурӯҳҳо ҷудо карда мешавад:

x Дар синфҳои II-XI дарсҳои забонҳои хоричӣ.

x Дар мактабҳое, ки таълимашон ба забони ӯзбекӣ нестанд.

x Дар мактабҳое, ки таълимашон ба забони русӣ нест.

x Дар синфҳои VIII-XI дарсҳои «Информатика»-ро гузаштан.

x Дар синфҳои VIII-XI дарсҳои тарбияи ҷисмониро гузаштан (дар ҳар гурӯҳ писар ва духтарон аз 8 нафарӣ кам набошанд).

Ҳангоми гузарондани дарси меҳнат дар синфҳои V-VII, X-XI, қатъи назар аз миқдори духтар ва писарон, онҳоро аз рӯи ҷинс ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо карда, дарс дода мешавад.

12. Соатҳои дар компоненти мактаб буда ва факултатив аз рӯи шавқи талабагон барои инкишоф додани қобилияти эҷодии онҳо ба машғулотҳои якка, гурӯҳ, инчунин барои ташкил намудани таълими касбомӯзӣ ҷудо карда мешавад.

13. Бо тавсияи Вазорати нигаҳдории тандурустӣ меъёри омӯзиши рӯҳаи таълим дар синфи 1-ум 33 ҳафта, дар синфҳои II-XI 34 ҳафта мебошад. Дар мактаб машғулотҳо аз 2 сентябр оғоз ёфта, 25 май ба итмом мерасад.

Таътил дар байни соли хониш: таътили тирамоҳӣ аз 4 ноябр то 11 ноябр, таътили зимистона аз 31 декабр то 10 январ, таътили баҳорӣ аз 22 март то 31 март, таътили тобистона аз рӯзи ба охир расидани соли хониш (имтиҳонҳо) оғоз ёфта, 31 август ба итмом мерасад. Ба талабагони синфҳои 1-ум дар ҳафтаи сеюми моҳи феврал як ҳафта таътил муайян карда мешавад.

14. Дар охири соли хониш барои талабагони синфҳои V-VIII, X бо мақсади меҳнатдӯстӣ ва соҳиби касбу ҳунар шудан машғулотҳои амалӣ пешниҳод карда мешавад:

Дар синфҳои V-VI 3 соатӣ 6 рӯз; дар синфҳои VII 3 соатӣ 10 рӯз; дар синфи X 6 соатӣ 20 рӯз. Машғулиятҳо дар мактаб, идора ва корхонаҳо гузаронда мешавад.

Ҷумъаназар ЭШОНЗОДА,
сарметодисти Маркази таълими ҷумҳурӣ.

Аз идора: *омӯзгорони азиз, агар дар ҷараёни таълим доири таълиму тарбияи насли наврас саволҳо ба миён оянд, ба «Овози тоҷик» мурочиат кунед. Ба саволатон мутахассисон тавассути рӯзнома ҷавоб медиҳанд.*

Иловаи 2 ба қарори маҷлиси аъзоёни Вазорати маорифи халқ, таҳти рақами 4/1 аз 25 апрели соли 2003

Рӯҳаи таълим барои соли хониши 2003-2004 дар мактабҳои таълими умумии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

	Омӯзиши фанҳо	Синфҳо: Дар асоси барномаи нав 1	2	3	4	5	6	7	8	9	10	11	Соати умумӣ дар асоси барномаи дар амалбуда	Соати умумии ҳафтаина	Ҷамъи соатҳои солона
	соатҳои дар ихтиёри давлат буда	20	22	24	24	30	32	33	34	35	32		286	36	322	1098
1	забони ӯзбекӣ (ӯзбек тили)		2	2	2	2	2	2	2	2	2		18	2	20	680
2	Забони тоҷикӣ ва адабиёт	8	8	10	10	9	7	5	5	5	4		71	5	76	2576
3	Забонҳои хоричӣ					3	3	3	3	3	2		17	2	19	646
4	Таъриҳ					2	2	3	3	3	3		16	4	20	680
5	Асосҳои давлат ва ҳуқуқ								1	1			2		2	68
6	Инсон ва ҷамъият											1			1	34
7	Асосҳои дониши иқтисодӣ								1	1	1		3	1	4	136
8	Математика	5	5	5	5	5	5	5	5	5	4		49	4	53	1797
9	Информатика								1	2	2		5	2	7	238
10	Физика,астрономия						2	2	2	2	4		12	5	17	578
11	Кимиё (Химия)							2	2	2	2		8	2	10	340
12	Биология					1	2	2	2	2	1		10	2	12	408
13	Табиатшиносӣ ва география	1	1	1	1	1	2	2	2	2	2		15		15	509
14	Одобнома	1	1	1	1								4		4	135
15	Эҳсоси Ватан					1	1						2		2	68
16	Ғояи истиқлоли миллӣ ва асосҳои маънавият							1	1	1			3		3	102
17	Маданияти мусиқа	1	1	1	1	1	1	1					7		7	237
18	Санъати тасвирӣ (расм)	1	1	1	1	1	1	1					7		7	237
19	Нақшакашӣ								1	1			2		2	68
20	Меҳнат	1	1	1	1	2	2	2	1	1	1		13	2	15	509
21	Тарбияи ҷисмонӣ	2	2	2	2	2	2	2	2	2	2		20	2	22	746
22	Тайёрии ибтидоӣ хизмати ҳарбӣ										2		2	2	4	136
	Соатҳое, ки дар ихтиёри мактабанд	2	2	2	2	2	2	2	2	2	7		25	3	28	950
	Ҷамъи соатҳо (соатҳои умумӣ)	22	24	26	26	32	34	35	36	37	39		311	39	350	118
	Машғулоти кори амалӣ (ба ҳисоби рӯз)					6	6	10	16		20					

Иловаи 3 ба қарори маҷлиси аъзоёни Вазорати маорифи халқ таҳти рақами 4/1 аз 25 апрели соли 2003

Рӯҳаи таълим барои даврои гузариши синфҳои 10-11

IV	Фанҳо	Дар амал 10	11	Ҷамъ	Таклиф (дархост) 10	11	фарқ	Ҷамъ соатҳои солона
1	Забони ӯзбекӣ (ӯзбек тили)	2	2	4	2	2	0	136
2	Забони тоҷикӣ ва адабиёт	5	5	10	4	4	-2	272
3	Забонҳои хоричӣ	2	2	4	2	2	0	136
4	Таъриҳ	4	4	8	3	3	-2	204
5	Инсон ва ҷамъият		1	1		1	0	34
6	Асосҳои дониши иқтисодӣ	1	1	2	1	1	0	68
7	Математика	5	4	9	4	4	-1	272
8	Информатика	2	2	4	2	2	0	136
9	Физика, Астрономия	4	5	9	4	4	-1	272
10	Кимиё	2	2	4	2	2	0	136
11	Биология	1	2	3	1	2	0	102
12	География	2		2	2	—	0	68
13	Тарбияи ҷисмонӣ	2	2	4	2	2	0	136
14	Тайёрии ибтидоӣ хизмати ҳарбӣ	2	2	4	2	2	0	136
15	Меҳнат	2	2	4	1	1	-2	68
16	Ҳуқуқшиносӣ	0,5	0,5	1	1	1	+1	68
17	Ғояи истиқлоли миллӣ	0,5	0,5	1	0,5	0,5	0	34
18	Оилаи солим ва никоҳ	0,5	0,5	1	0,5	0,5	0	34
	соатҳои дар ихтиёри давлат буда	37,5	37,5	75	34	34	-7	2312
	Соати дар ихтиёри мактаб буда	1,5	1,5	3	5	5	+7	340
	соатҳои умумӣ	39	39	78	39	39	0	2652
	Рӯзҳои машғулоти амалӣ	20		20	20	20	0	

Ба умеди шеъри ноб

НАМОЗГОҲИ ХУРШЕД

АСАДУЛЛОҲ



«Намозгоҳи хуршед» дуввумин маҷмӯаи шеърҳои Асадуллоҳ Исмоилзода (Шукуров) аст. Маҷмӯаи аввалини ӯ бо номи «Атри вахдат» ҳанӯз сол пеш ба чоп расида буд. Ҳоло ҳарду китоби ашъори шоирро бо диққати тамом меҳонам ва навиштаҳои ӯро бо ҳам муқоиса мекунаму савол мегузорам: Асадуллоҳ чӣ мегӯяду чӣ тавр мегӯяд? Чӣ гуфтану чӣ тавр гуфтани ӯро, албатта, танҳо дар қиёс бо шеъри бузурги форсии тоҷикӣ шинохтан ва муайян кардан имконпазир аст. Шеъре, ки дурдонаҳои бебаҳоеро аз қадим то ба имрӯз мерос гузоштааст. Зимнан бояд бигӯям, ки барои шоири имрӯз, хосса ҷавонон қалам ба даст гирифтан, шеър гуфтан сахт, душвор ва масъулияткашонанд аст. Ба умеде, ки Асадуллоҳ дар ин роҳи душвор, вале бошараф шахси тасодуфӣ нест, дар бораи навиштаҳои ӯ бо дилгармӣ ва умедворӣ қалам меронам.

Аз маҷмӯаи аввалинаш «Атри вахдат» маълум буд, ки Асадуллоҳ қонуну қоидаҳои шеърро то андозае медонад. «Атри вахдат» машоми моро аз бӯи хуши умеди орзу ва ниятҳои неки шоирона пур карда буд. Албатта, шеърҳои шогирдонаи он китоби шоир камбудиҳо низ доранд, вале умуман таассуроти хонанда аз он умедворкунанда буд. Асадуллоҳ бо нахустин шеърҳояш тасдиқ кард, ки ба зиндагӣ, воқеияти он назар ва хулосаи худашро дорад. Аз воқеаву ҳодисаҳо таассуроти шоирона бардошта метавонад. Ва шеъри ҳамноми маҷмӯаи аввалаш гӯё дар тасдиқ ва таъкиди ҳамин гуна маромии шоирона гуфта шуда, саршор аз эҳзози ифтихор ва қаноатмандии шоир аз ҳодисаи ба истиқлол расидани кишвар аст. Ин воқеаи муҳим, ки дар оғози садаи бисту як рух дод, метавонад гардиши азиме дар ҳаёти фарҳангӣ ва иқтисодии Ватан бошад:

Рӯдакӣ, Синои дигар,
Мешавад аз нав таваллуд.
Шарқ эҳё мешавад боз,
Бисту як асри тачаддуд.

Дар таснифи шоиронаи Асадуллоҳ мафҳуми Ватан бо ёди муқаддасоту қадриятҳои он ва гаҳворачунбони сайёра—модару падар таъвам аст. Вақте, ки ӯ дар бораи Ватан шеър мегӯяд, симои азизу шарифи падар ва модар дар оинаи тасвираш ҳамчунон нурбахшу пурҷилост. Аз ин мавқеъ шеъри «Ёди падар» бо тасвири бошукӯҳ ва шарофатмандонаи симои падар диққатангез буда, шоир кӯшидааст, ки аз чузъиётҳои зоҳирӣ даст кашад ва тасвири ҳолатро дар мадди аввал гузорад. Ёдҳову хотираҳояш аз лавҳу ангораҳое пур аст, ки аз падар ёдованд, аз ҳоли ӯ дарак медиҳанд. Ин ёдҳо ба сарнавишти пурфоҷиа ва таъриҳии падар омезиш ёфта, хусусияти таълимӣ (типи) пайдо мекунад ва бешак, ба дили хонандаҳое, ки порае аз ҳастии худро дар ин шеър шинохтаанд, роҳ хоҳад ёфт. Шеърҳои аввалини шоир бӯе аз шеъри шоирони хуби тоҷикигӯй дорад ва ин ҳодиса барои ҳар қаламкаши навгӯ тасодуф нест, ба шарте, ки пайравӣ ё худ таъсирбардори паёмади навҷӯиву тозакорӣ дошта бошад. Дар шеъри ёдшудаи «Ёди падар» ҳамин ҳолат ба назар мерасад. Эпитетҳои «Бодҳои дарбадар», «Подароҳи нимачар», «Теппаҳои Кенгузар» «Нишонае аз падар» доранд. Дар шеър шоир ёдҳои бачагиашро зинда карда дар ҳамин оина сарнавишти дар оғоз талх, вале саранҷом ифтихорангези падарро акс мекунад. Ин ҳолат барои ҳар касе, ки ҳофизаи қавӣ ва арзишманд дорад, метавонад табиӣ бошад. Аз чумла мо ёд дорем, ки «Бачагии Бозор Собир» дар шеъраш бо ҳамин гуна забони тасвирию ҳоловар сухан мегӯяд. Вале бо ин ишора мо гуфтанӣ нестем, ки ҳар ду шеър якест. Азбаски мавзӯъ қаробате дорад, ҳоҷу нохоҷ шоир дар равиши андешаҳо ба шоири дигар ҳампаймон мешавад. Вале дар маҷмӯъ таассуроти Асадуллоҳ дар шеъраш хоси худи ӯст. Ба ифодаи дигар ин падар, ки мо дар тасвири ӯ шинохтем, падари худи ӯст ва бо сарнавишти пурфоҷиа ҷобили зиндагии рӯҳонист. Ин шеър «Ҳиссае аз қиссаи талхи падар», танҳо «Бодҳои нолон», ки дурӯяву созишкор нестанд, қодир ҳастанд он рӯзгорро дар ёди шоир зинда созанд. Ин ҳама гувоҳи он аст, ки Асадуллоҳ нигоҳи шоирона дорад. Чашмони пуроб ва ҳаратсӯзи касеро дидан, эҳсосоти дардолуди онро падид овардан ва таъсири ин бардоштро ба хонанда гузаронида тавонистан худ ба сари ҳуд ҳунари нодир аст. Вале ин таъсир дар қадом сатҳ ва савия анҷом мегирад, ба кӯшиш ва саъю собитқадамии муттасили ҳар қаламкаш вобастагӣ дорад. Умедвор ҳастам, ки Асадуллоҳ бо ҳамин нияти шоир будан ва шоир мондан ба даст қалам гирифтааст.

Зимнан бояд бигӯям, ки мавзӯъҳо таъсирбардорӣ ё пайравии ин ё он шоирро бо осори қаламкаши дигар ҳанӯз муайян намекунанд. Мавзӯъҳо барои адабиёт ва эҷодкорон умумиянд. Ин мавзӯъҳоро ба чӣ ҳунар ва савияе ифода кардан масъалаи дигар аст, ки ба истеъдод ва маҳорати қаламкаш вобаста мебошад. Дар бораи Ватан, падару модар, таърих ва қадриятҳои миллӣ чӣ қадар навиштанду боз ҳоҳанд навишт. Вале мо хеле кам осори манзуму мансурро дар ин мавзӯъ дучор меоем, ки дилхоста бошанд. Ин мавзӯъҳоро дар шеъри имрӯзаи тоҷикӣ асосан Лоиқ ва Бозор Собир ба тарзи нав зинда карданд. То «Модарнома»-и Лоиқ ва шеърҳои дар васфи падар, таърих, забони модарӣ гуфтаи Бозор Собир ин мавзӯъҳоро шукӯҳ кам буд. Баъди навиштаҳои ин ду шоир аксари қаламкашон гоҳо ба такрор дар ин мавзӯъҳо шеър гуфтаанд, ҳарчанд бехтар аз гуфтаи Лоиқу Бозор шеъре дар ин мавзӯъҳо ба миён наомад. Чунки ин ду шоир дар сурат ва сирати падару модари худ ва ҳаводиси таърих он чиро дида тавонистанд, ки аввалан шоирона буд, мабдаи шеърӣ дошт, сониян аз ҳис ва андешаи умум чудо набуд. Ана ҳамин фазилат ба гумони яқини банда, шеърҳои ононро зинда медорад.

Ба мавзӯъҳои Ватан, падару модар ва масъалаҳои таъриҳи дуру наздик мурочиат кардани шоири мо Асадуллоҳ амри табиӣ ва судманд аст. Муҳим он аст, ки ӯ диди шоирона дорад, усули шеър гуфтанро аз бар кардааст. Ин андешаи моро шеърҳое, ки дар маҷмӯаи дуввумаш гирд омадааанд комилан тасдиқ мекунанд. Агар шоир дар маҷмӯаи аввал бо шеъри «Рахш омад» назари шоирона ва тасаввури то андозае симиёиашро бо ифтихор ба таъриҳи гузашта ифода карда бошад, шеъри ҳамноми маҷмӯаи дуввумаш «Намозгоҳи хуршед» таронаи бошукӯҳ, орзупарвар, риққатангез ва ҳасратолудест дар лоюалои ободиҳо ва вайрониҳои Самарқанди азиз, вале «Бедору хоболуд», ки дар аввалин мисраи шеър омадааст, аввалан шоирона аст, дуввум хонандаро сӯе фаро мехонад, ки онро мо шартан маҳалли суъуд, маҳалли андешаву ифшои розҳои пурҳасрат хондем. Садои занги бедорӣ аз ҳар сатри ин шеър ба гӯш мерасад. Тасвир дар ҳар мисраъ афзалият пайдо карда, шеърро зинда ва таъсиргузар мекунад. «Намозгоҳи хуршед» муҳаббатномаи пурсӯз, вале созандаи Асадуллоҳ нисбати як пораи хоки Ватани азизу бузург аст, ки онро чун мо дӯст медорад, азиз мешиносад ва мехоҳад ҳамчунин шукӯҳманду арҷманду бедор бимонад.

Ҳамчунон ки дар ин шеър тасвири манзара маъниро равшан дорад, шеърҳои «Тавлиди хуршед», «Танҳоӣ», «Армони Сиёвуш», «Торихи дурӯғин» ва ғайра низ аз тасвирҳои маъниофар холӣ нестанд.

Асадуллоҳ дар шеъраш (ва албатта дар зиндагӣ низ) инсони қадршинос аст. Шояд ин хислати азалӣ ҳисси қадршиносии ӯро нисбати Ватан, падару модар, устод ва қадриятҳои пурарзиш зиёд кардааст. Шеърҳои «Ошёни қисмат», «Ёди Чорбоғ», «Устод» ва ғайра дар таъкиди маънии қадршиносӣ ва муҳаббат ба ёру диёр, одамони дуруткору ҳалолпаймони он гуфта шудаанд.

Шеъри Асадуллоҳ аз дардҳои иҷтимоӣ низ холӣ нест ва бисёр мехостам ин чиҳати эҷодиёташ тақвият ёбад. Чунки адабиёти асил, хосса шеър аз қадим ҳадафи тарбиявӣ ва ислоҳотхоҳӣ дошту дорад. Хонанда шеъри «Афсонаи нотамом»-ро хонда ба яке аз масъалаҳои доғи муҳити зистамон покдории обу ҳавою хок бетараф буда наметавонад.

Бо ин ҳама Асадуллоҳро роҳҳои душвори ҷустуҷӯ ва дарёфти шеъри асил, ки дар пояи шеъри ноби форсии тоҷикӣ бошад, дар пеш аст. Баъзе аз дархостҳоямро оиди шеъри ӯ гуфта, умедвор ҳастам, ки кори шоириро, ки сухангустарист, осон намегирад ва собитқадамона дар ин ҷода заҳмат мекашад.

Ман дар боло шеъри «Ёди Чорбоғ»-ро танҳо ба хотири мавзӯъ дар қатори навиштаҳои хуби шоир зикр кардам. Агар дар ин шеър маъниро тасвирҳои тоза ва шоирона таъкид мекард, шояд шеър аз як камбудие, ки хоси навиштаҳои аксари қаламкашони ҷавон аст, озод мешуд. Ҳар чӣ ки дар ин шеър Чорбоғро ба ёди шоири мо меорад гапи гуфташуда ва роҳи паймудааст. Мо ин гуна «пиразанҳои бануру дуоӯ», «мӯйсафедони баору худочӯ»-ро, ки ёде аз додгоҳ медиҳанд, дар шеърҳои дигар шоирон дар хотир дорем. Гумон мекунам, ки Асадуллоҳ метавонад беш аз ин ва бехтар аз ин тасвирҳои хосеро дар ҳаққи зодгоҳ дармеёбад ва ба шеър меоварад. Ва сухани бамеҳри нотакрор мегӯяд. Ҳамин гуна такрор ва анбориш дар шеъри «Боронӣ хаёл» низ ҳаст. Шоир дар аксари шеърҳои ошиқонааш низ аз роҳи дигарон ба манзил мерасад.

Забон унсури созандаи шеър аст. Ба ин масъала бояд эътибори ҷиддӣ дод. Агар дар шеъри «Мабод он рӯз» номуваффақиятии замон ба маънӣ халал оварда бошад, байти аввали шеъри «Бо умеди дармон» ғалат аст. Вақте шоир мегӯяд, ки «Эй гули зебо, ту моро хонавайрон кардай» гапи дуруст аст, вале дар мисраи дигар—«Кулбаи ободи моро ту парешон кардай» мантиқ халал ёфтааст. Асадуллоҳ хуб медонад, ки кулба, хона, деҳ, шаҳр ва ғайра вайрон мешавад, сокинонаш парешон ва ё нобуд мешаванд, кулбаи обод низ вайрон шуда, сокинонаш низ парешон шуда метавонанд, вале ҳаргиз кулбаро парешон шуд намегӯянд. Кулба, ки вайрон шуд танҳо хотир парешон шуданаш имкон дораду бас!

Дар ин равиш ду байти орифонаи Ҳофизро оварда, диққати шоири умедбахшро ба шеъри қудсии гузаштагон, махсусан Ҳофизу Бедил ҷалб карданиям:

Ба мижгони сияҳ кардӣ
ҳазорон рахна дар динам,
Биё,к-аз чашми беморат
ҳазорон дард барчинам.
Ало! Эй ҳамнишини дил,
ки ёронат бирафт аз ёд,
Маро рӯзе мабод он дам, ки бе
ёди ту биншинам.

Ҷумъакул ҲАМРОЕВ,
устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишери Навоӣ, номзади илми филология, дотсент.

Мулоҳаҳо аз Бухоро

Ҳамкорӣ мекунем

Дар Бухоро вохӯрии директори намояндагии Пажуҳишгоҳи миллии демократии ИМА (ПМД) дар Ӯзбекистон Ричард Глауб бо роҳбарони созмонҳои ғайрихукуматӣ ва ҳизби халқӣ-демократии Ӯзбекистон ба амал омад. Он бо ташаббуси ширкати вилоятии оилаҳои тадбиркор—«Тадбиркор оила» ба вуқӯҳ пайваст.

Ричард Глауб аз хусуси фаъолияти ПМД, ки идораи асосии он дар ИМА воқеъ буда, дар зиёда аз 70 кишвари ҷаҳон намояндагӣ дорад, муфассал нақл намуд. Намояндагии тошкандии он моҳи феврали соли 2003-ум кушода шуд. ПМД бахри пойдор гардидани ҷамъияти шаҳрвандӣ, мустаҳкам шудани равандҳои демократӣ дар Ӯзбекистон кор мебарад.

Ҷамъомадҳои «Мизи мудаввар» бо аъзоёни ҳизбҳои сиёсӣ ва муассисаҳои ғайрихукуматии он дар шаҳрҳои Тошканд ва Самарқанд баргузор гардиданд, ки ба соли ислоҳот дар Ӯзбекистон ва интихоботи пешистодаи парлумонии соли оянда бахшида шуданд. Чунин машваратҳо ва ҷамъомадҳои «Мизи мудаввар» вақтҳои наздик дар Бухоро ҳам гузаронида хоҳанд шуд.

Рӯзи таълими экологӣ

Дар машварати якрӯзае, ки дар лагери наздишаҳрии саломатии кӯдаконаи «Нефтчӣ» баргузор гардид,150 нафар бачагон иштирок намуданд. Маркази таълими экологии «Дилхуш»- и шаҳри Урганҷ ташаббускори ин машварат буд.

—Дар машварат бачагон ба се гурӯҳ—«ҷазирачаи эҷодӣ» тақсим шуда ҳор кардand,—хабар дод роҳбари марказ Райҳон Тӯлаков ба хабарнигори ОМИ «Туркистон—пресс».—«Гурӯҳи аввал тадбиркорон ва сиёсатмадорон» ном дошт ва он бо бозиҳои фаъол машғул гардид. Чунончи, онҳо масъалаҳои истифодаи оқилона аз захираҳои обро баррасӣ намуданд.

Бачагони гурӯҳи дуюм, ки «Муҳандисон ва меъморон» ном гирифта буд, лоиҳаҳоро аз хусуси технологияҳои сарфаи об таҳия намуданд, шиорҳои тарғиботиро оид ба ҳифзи экология тайёр карданд. Гурӯҳи саввум, ки ба он роҳбари маҳфили «клуби экологии «Чустчӯ» аз шаҳри Самарқанд Ирина Корниенко сарварӣ кард, «Мактаби паёмнигорӣ» номида шуд. Иштирокдорони он дар давоми рӯз хабарҳои матбуотӣ тайёр карданд,аз хусуси муносибати эҳтиёткорона ба замин маҳолаҳо навиштанд, шеъру афсонаҳо эҷод карданд, аз ҳамсолони худ гузориш гирифтанд. Дар ҷамъбасти рӯз аз ҷониби онҳо рӯзномаи деворӣ нашр гардид, ки маҳсули беҳтарин навиштаҳои эшон буд.

Навъе ки ташаббускорон зикр сохтанд, Бухоро шаҳри дуввумин гардид, ки ин қабил машваратҳо мегузаронад. Машварати аввалин дар лагери наздишаҳрии саломатии «Боғи Ирам»-и шаҳри Урганҷ ба амал омада, ҳам ба бачаҳо ва ҳам ба тарбиятгирандагони онҳо таассуроти хуб боқӣ гузоштааст. Ба ин лоиҳа Оҷонсии ИМА оид ба инкишофи байналхалқӣ (USAH) аз тариқи барномаи оид ба такмил додани раёсати захираҳои табиӣ дар Осиёи Марказӣ пуштбонӣ менамояд. Ба машварат ҳамчунин Марказзи «Биоэкосан»-и назди вазорати таълими халқи Ӯзбекистон дар ҳамкорӣ бо созмонҳои ғайрихукуматии маҳаллӣ саҳм мегузоранд.

ОМИ «Туркистон-пресс».

Дар хона-ситоди парлумони Аврупо ва НАТО дар шаҳри Брюссел намоиши устодони суратбардори Ӯзбекистон таҳти унвони «Маҳаллаҳои Ӯзбекистон: одамон, анъанаҳо ва одатҳо» кушода шуд. Чорабиние, ки онро фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон ба шарафи 12-умин солгарди истиқлолияти Ӯзбекистон созмон додааст, дар ҳамкорӣ бо вазорати корҳои хориҷӣ, бунёди хайрияи «Маҳалла», Хонаи суратгирони боистеъдоди Ӯзбекистон Рустам Шарифов, Рустам Шагаев, Турсун Алӣ, Константин Майченко, Абдуғанӣ Ҷумъаев, Шаҳноза Усмон, Виктор Вяткин, Владимир Жирнов ва дигарон васеъ акс ёфтаанд.

Маҳаллаҳои Ӯзбекистон – ба Урупо

Назокат УСМОНОВА,
хабарнигори ӮзА.

Ба хомӯш гардидани оташи ҷанги ҳонумонсӯз, ки фашизми Олмон барафрӯхта буд, бештар аз 58 сол мегузарад. Нақши он ҳанӯз дар дилу хотирҳост. Ватан корномаи онҳоеро, ки дар он айёми фалокатбор дар сангарҳои оташфишон мардона размидааанд, асло фаромӯш намекунад. Эҳтироми иштирокдорони набардҳои хунин, ки алҳол дар сафҳои мо давлати пирӣ меронанд, бачо оварда мешавад. Ватани соҳибистиқлол ба қадри онҳо, ки гули сари сабати ҷомеааанд, мерасад.

***Дар сурат**: иштирокдорони Ҷанги дуввуми ҷаҳон аз шаҳри Чуст, ки дар ин рӯзҳои истиқлол шукри зиндагӣ мегӯянд.*

Суратгир: А. МУРОДОВ.

Ибрат

Инсон, ки як бор ба ҳаёт меояд, шояд, дар орзуи ба одамон некӣ кардан умри худро гузаронад ва баъде, ки аз олам гузашт, «одами хуб буд» гӯянд, ин ҳам як бахти калон аст. Барои ба ин мартаба расидан, фикр мекунам,ирода ва масъулияти калон зарур аст. Ба онҳое, ки дар ин дунёи амонат зиста, ба меҳнати фидокорона ном мебароранд, дониш, ирода ва саъю кӯшиши ҳудро баҳри таъмини фаровонии ҳаёти халқ сарф мекунанд, кас ҳавас мекунад. Ин гуна инсонҳо дар гирду атрофамон бо хизматҳои хоксоронаи худ дили моро чун кӯҳ мебардоранд. Алҳол ният дорем дар хусуси соҳиби ана ҳамин гуна фазилатҳо, шифокори номӣ аз шаҳри Чортоқ Анварҷон Абдуллоев чанд сухан гӯем. Анварҷоне, ки обҳои шифобахши Чортоқро нӯшида ба воя расид, орзу дошт ба дардҳои мардум ҳамчун табиб шифо бахшад, онҳоро аз бемориҳо фориғ созад. Ба амалӣ гардондани ин орзуяш ҳам 18 сол пур гардид. Вақте бо ӯ сӯҳбат мекардем, солҳои донишҷӯиашро ба ёд овард, изҳор намуд, ки бо баъзе ҳамсабақон ва устодони худ ҳанӯз воҳӯрда меистад ва аз маслиҳатҳояшон баҳраманд мегардад. Анварҷон фаъолияти худро солҳои 1995 дар беморхонаи марказии ноҳияи Чортоқ ҳамчун шифокори наврасон оғоз намуд. Аз соли 1991 то имрӯз чун шифокори УЗИ-и беморхона фаъолияташро давом медиҳад. Ба такмили малакаи худ эътибор медиҳад. Такмили малакаи ӯ дар Институти давлатии тиббии Андиҷон, шӯъбаи дар шаҳри Харков будаи Институти давлатии тиббии такмили ихтисоси Украина ва Дорулфунуни давлатии Санкт-Петербург зоеъ нарафтаанд. Ӯ асрори муолиҷаи замонавиро омӯхта, баҳри умри зиёд дидан, аз ҳар гуна бемориҳо пешгирӣ намудани одамон кӯмак мерасонад. Вай, ки табиатан хеле ширинсухан, меҳрубон ва хоксор аст, ба дили ёру дӯст ва атрофиён роҳ ёфтааст. Мукофоти олӣ барои ӯ изҳори сипос намудани шифоёфтагон аст. Мо ҳангоми сӯҳбат аз Анварҷон доири мазмуни хизмати УЗИ пурсон гардидем. УЗИ дар тиббиёт маънои «Санҷиши ҳамачониба»-ро ифода мекардааст. Дар ин ҷараён бемориҳои гуногуни ҷигар, меъда, гурда, бачадон, дил, ҳомиладории занон ва касалиҳои занона ва ғайраҳо, ки ба организми солим хавф меоранд, аниқ карда мешаванд. Усулҳои табобат бо асбобу ускунаҳои замонавӣ амалӣ гардонда мешаванд. Имсол ба 12 ҳазор нафар бемор хизмат расонда шуд. Қисми зиёди онҳо солхӯрдагон, собиқадорони ҷанг ва занҳо мебошанд.

—Аз сабаби он ки кадрҳои соҳибихтисос намерасанд, маро лозим омад, ки барои диагностикаи УЗИ маҳорати касбии 3 нафар шифокор ва 6 нафар ҳамшираи тиббиро биёмӯзам,—мегӯяд Анварҷон.

Оне, ки устоди касби худ аст, дар муҳити оила ва аҳли ҷомеа низ маҳбубият дорад. Бо қарибони Анварҷон ҳамсӯҳбат шуда, ба ин бори дигар амин гаштем. Падараш Ҳоҷӣ амак аз писари худ миннатдор аст. «Анварҷонро доим дуо мекунам, вай мадори дили ман»,—мегӯяд мӯйсафед. Рафиқааш Кӯпайсин ҳам аз ҳамтақдир будан бо чунин соҳиби сар шукргузор аст.

Фарзандон Эркиной Иродахон, Азамат, Асрор бо падари худ мефахранд. Мо ҳам ба Анварҷон бо ҳавас нигариста, ба корҳои ояндааш барор металабем.

Мухтасарҳон КАРИМОВА.

Муаллима панҷ забонро медонад

Гӯзалапа Шарофиддинова шогирдони зиёде дошта, дар озмунҳо фаъол иштирок менамояд. Рӯзномаи девории «Шпигел» моҳе як бор бо роҳбарии ӯ чоп мешавад ва маҳфили забони немисӣ низ амал мекунад.

Гӯзалапа панҷ забонро ба хубӣ медонад. Ҳоло аз забонҳои немисӣ, англисӣ, ӯзбекӣ дарс медиҳад, забонҳои тоҷикӣ ва русиро хуб медонад.

Ӯ раиси Кумитаи занони маҳаллаи Тиргарон буда, дар тӯю маъракаҳо оиди камҳарҷу босифат гузаронидани он ташвиқот мебарад. Ин гуна омӯзгори забондон дар мактаби 7-уми ба номи С.Айнии ноҳияи Сариосиё нест, гӯем муболиға намешавад.

А.ИЗЗАТУЛЛОЕВ,
муаллими мактаби рақами 7-и ба номи С.Айнии ноҳияи Сариосиё.

«Сагу гурба айбдор»

ОЛАМИ САДРАНГ

Дар яке аз шаҳрҳои Амрико ба умури начот нобаҳангом занг зада шуд. Баробари бардоштани гӯшак коркунони он ҳангу манг шуда монданд. Чунки аз гӯшак ба ғайр аз овози сагу гурба дигар чиз шунида намешуд. Гурӯҳи зудамал филфавр ба манзиле роҳ пеш гирифт, ки занг зада шуда буд. Тугмачаи занги хонаро зер карданд. Садо шунида мешуду лекин ягон кас дарро намекушод. Азбаски дар ин манзил шахси гирифтори маризии дил зиндагӣ мекард, коркунони умур тахмин карданд, ки соҳиби он дарро кушода наметавонад. Мачбур шуданд, дарро вайрон карда, ба хона дароянд.

Онҳо ба хона даромада, манзараи ачибе диданд. Саги хонадон гурбаро дошта, «мезаду» он овоз мебаровард ва гӯшаки телефони хонадон онро гӯё мешунавонд. Аз соҳиби хона ному нишоне набуд.

Коркунони умур ба он мақсад, ки соҳиби хона онҳоро ба суд надиҳад, филфавр дарро ба ҷояш гузошта, изҳои вайронкоронаи худро нест карданду пас баргаштанд. Лекин он рафторашон бечазо намонд. Соҳиби хона баъдтар ин ҳодисаро фаҳмида, коркунони умурро ба суд дод ва ҷаримапулии калонро ба даст овард.

Кӯрнамак

Корманди соҳаи адои хизмати манзиливу коммуналии шаҳри Калуга дар ошёнаи якум истиқомат мекунад. Яке аз рӯзҳо зану шавҳар ба мақсади қайди панҷсолагии рӯзи аҳди никоҳашон ба мағоза роҳ пеш гирифтанд. Маҳсулоти заруриро харид карда, ба маъвояшон омада, ҳангу манг шуда монданд. Дар тирезачаи айвони хонаашон ҷавонмарди ҳузарбе, дар монда буд. На ба пеш ҳаракат карда метавонисту на ба қафо. Ба гуфти ӯ бӯи хӯроки хубро дарк карда, барои ба даст овардан кӯшидааасту вале ба ин ҳолат дучор гардидааст. Охир, шикамаш гурусна буду бо васвасаи шайтон ба ин кор даст задааст.

Азбаски зану шавҳар одамони зудбовар ва дар айни замон раҳмдил буданд, ба гуфтаҳои ин «дузд» бовар карданд ва шикамашро сер карда, боз маблағи кирой дода, ӯро гусел намуданд.

Вале дузди кӯрнамак аз барор нагирифтани «шикораш» дарғазаб шуда, сангеро ба оинаи ин хонадон ғурронданӣ шуд. Аммо санг ба тирезаи ҳамсояи онҳо бархӯрда, онро пора -пора намуд. Ҳамсояи бадҷаҳл баромада, ӯро баробари то мурдан задан, ба милиса супурд. Дар айни замон ҳамсоягонро дар ин бобат муттаҳам сохт, ки онҳо дидаву дониста дуздро ба хонаашон мондааанду бо ҳамин барои дуздии минбаъда роҳ боз намудааанд.

Дузд баъди ҷазои муайян аз маҳбасхона озод гардид. Вале дигар ҷуръате надорад, ки ба ин маҳал қадам гузорад.

(Аз рӯи маводи воситаҳои ахбори оммавӣ гирдоварӣ шуд).

Зодрӯз муборакҳо!

Муаллимаи ширинкалом ва модари мушфиқи фарзандон Муҳаббат Абдураимова!

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

Абдурахмони ҶОМӢ.

Чӣ хуш гуфтааст Мавлоно Ҷомӣ дар ҳаққи Шумо барин омӯзгорони қавиирода ва покдил ва меҳнатӣ. Мо шодем, ки имрӯз 60-солагии зодрӯз ва 41-солагии фаъолияти педагогии шуморо қайд менамоем.

Шумо номзади илми педагогӣ ҳастед. Солиёни дароз ба сифати равишмӯзи маркази таълими ҷумҳурӣ, директор, роҳбари шӯъба ба кори таълиму тарбияи насли наврас саҳми калон гузоштед. Дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок доред. Муаллифи якчанд дастуру китобҳоед. Садҳо шогирдони кордону соҳибистеъдодро ба воя расондед, ки онҳо дар ҳамаи соҳаҳои маорифи халқ фаъолона кор мекунанд.

Мо Шуморо бо шастумин баҳори умратон аз самими қалб табрику муборакбод менамоем. Ҳамеша сиҳҳату саломат бошед. Илоҳо, 100-солагии зодрӯзатонро якҷоя пешвоз гирем. Ба кору эҷодатон комёбиҳои нав ба нав таманно дорем.

Тиллоҷон НОСИРОВА,
методисти Маркази таълими Вазорати маорифи халқи Ӯзбекистон.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабандӣ шуд.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи дуинтервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст.
Тартиби номнависшуда № 16. Г - 837
Адади нашр 1100. 12345

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Х/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **М. ОТАХОНОВ.**
Мусаҳҳеҳ: Ҳ. Камолиддинова.
Саҳифабанд: Х. Тӯхтаева.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ (тел./факс): 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.